МУСОБИҚАИ РОҲСОЗӢ БАЙНИ ДЕҲАҲОИ ХАТЛОН с. 4
НИГАРОНИИ ШОҲИЁН АЗ КИРДОРИ СУДЯ с. 3
МУЛЛО ҲАЙДАР ШАРИФЗОДА БАРКАНОР ШУД с. 6

ТОҶИКИСТОН
№33 (1596), 14.08.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992

СОЛИМИИ МИЛЛАТ - БОИГАРИИ ДАВЛАТ





ДАР ИН ШУМОРА:

ҶАНГИ РОҲ
Агар камераҳо набошанд… с.5

ОЛИМПИАДА
13 медали варзишгарони тоҷик с.2

ЮСУФ РАҲМОН:
Касе ба давлат, ба миллат, ба президент хиёнат мекунад… с.3

ҲИФЗИ АРЗИШҲО
Посухи Тоҷикистон ба даъвоҳои иғвоангез с.4

САЙЁҲӢ
5 кишваре, ки сайёҳонаш бештар ба Тоҷикистон меоянд с.4

КОНИБОДОМ
Генерал Аламшозода кушторҳои гурӯҳиро шарҳ дод с.3

ИҚТИСОД
Сармоягузори асосӣ ба иқтисоди Тоҷикистон кист? с.6

ДӮСТӢ
Бунёди мактаб бо саҳми Туркманистон с.4

МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ
АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, магозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброз аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

БОЗГАШТИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК АЗ ОЛИМПИАДАИ ПАРИЖ-2024



Субҳи 14 август ҷоизадорони Бозиҳои олимпии Порис-2024 ба ватан баргаштанд. Баъди пешвози хешовандону наздикон ва мардуми кишвар варзишгаронро президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба ҳузур пазируфтанд.







Ба ҳар як ҷоизадори Бозиҳои олимпӣ мукофоти давлатӣ - Ордени Шараф дараҷаи II, 200 ҳазор сомонӣ ҳамчун ҷоизаи раиси ҷумҳури кишвар, хонаи истиқоматӣ ва мошини муосири баркӣ тақдим гардид.

Ҳамчунин, қарор аст Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш 10 - ҳазордолларӣ ба варзишгарон бидиҳад.

Ёдовар мешавем, ки дар 33-юмин Бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Порис аз Тоҷикистон 14 варзишгар иштирок карданд ва се нафари онҳо - Сомон Маҳмадбеков, Темур Раҳимов ва Давлат Болтаев соҳиби медали биринҷӣ шуданд.

МЕДАЛИ ТИЛО:

- Юрий Лобанов - соли 1972, Олимпиадаи Мюнхени Олмон, каноэи дукаса;

- Анатолий Старостин - соли 1980, Олимпиадаи Москваи СССР - 2 медали тило, панҷҳарбаи муосир - дар ҳисоби инфиродӣ ва дастаӣ;

- Андрей Абдувалиев - соли 1992, Барселонаи Испания – гурзандозӣ;

- Дилшод Назаров - соли 2016, Олимпиадаи Рио-Де-Жанейрои Бразилия – гурзандозӣ.

МЕДАЛИ НУҚРА:

- Юсуф Абдусаломов - соли 2008, Олимпиадаи Пекини Чин, аз куштии озод.

МЕДАЛИ НУҚРА:

- Зебуннисо Рустамова - соли 1976, Олимпиадаи Монреали Канада – камонварӣ;

- Юрий Лобанов - соли 1980, Олимпиадаи Москваи Иттиҳоди Шӯравӣ - қаиқронӣ дар каноэи дукаса;

- Расул Боқиев - соли 2008, Олимпиадаи Пекини Чин - ҷудо;

- Мавзуна Чориева - соли 2012, Олимпиадаи Лондони Англия - бокси занон;

- Сомон Маҳмадбеков - соли 2024, Олимпиадаи Порис Фаронса - ҷудо;

- Темур Раҳимов - соли 2024, Олимпиадаи Порис Фаронса – ҷудо;

- Давлат Болтаев - соли 2024, Олимпиадаи Порис Фаронса - бокс.

САРИ САБЗ



Ватандор ШЕРОВ,
саркоргардони Театри давлатии ҷавонон

- Хушбахтона, бисёр корхонаву идораҳое ҳастанд, ки бо хоҳиши худ омада намоишҳоро мебинанд. Баъзан насли ҷавонро низ ба театр меорем, онҳо пас аз ҳар намоиш ба хулосае меоянд, ки дубора барои тамошои намоиши театрӣ меоянд, зеро писандашон мееяд.

- Ҳмм, офарин! Ҷавононро ба театр мореду, ёмеоянд, ин муҳим не. Муҳим ин ки воқеан агар намоишҳо писандашон ояд... Агар писандашон ояд, мисли намояндаҳои ҳамон идораҳо бо хоҳиши худ меоянд.



Матлуба НИЁЗОВА,
таррох, дӯзанда ва заргар

- Ман доим ба мӯдҳои замонавӣ аҳамият медиҳам. Дидам, ки попурзанӣ ба мӯд даромад, дарҳол аз пайи омӯхтанаш шудам. Дар муддати кӯтоҳ ҳамаи нозукиҳои попурзаниро ёд гирифтаму барои худам мошинаи попуридӯзӣ харида, муштарӣ пайдо намудам.

- Аз ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Шумо алакай як менеҷери муваффақ ҳастед. Кош ҳама мисли Шумо даррав аз пайи амалҳои манфиатовар мегаштанд...



Шоҳмансур САИДОВ,
блогери омодасози наворҳои ҳаҷвӣ

- Мехостам дар сарам парик монда, наворҳоямро таҳия кунам, аммо вақте дар «Тик-ток» як блогери қазоқистониро бо сачоқ дидам, ба хулосае омадам, ки чунин мекунам. Аммо идеяе, ки худам танҳо нақши чанд нафарро бозӣ кунам, аз устоди равоншод Аловиддин Абдуллоев аст.

- Идеяи равоншод Абдуллоев мураккаб аст, рафиқ блогер. Боз як роҳи осони ҷалби таваҷҷуҳ вуҷуд дорад: сарро бо поку пок-покиза метарошед ва дақиқан, блогери қазоқистонӣ дар ҳайрат меафтад.

КАСЕ БА ДАВЛАТ, БА МИЛЛАТ, БА ПРЕЗИДЕНТ ХИЁНАТ МЕКУНАД...



Юсуф Раҳмон, Прокурори генералии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ ифтитоҳи парванда нисбати Ҳамрохон Зарифӣ, Акбаршоҳ Искандаров, Аҳмадшоҳ Комилзода ва Шокирҷон Ҳакимовро тасдиқ кард.

Номбурда гуфт, ки онҳо бо Саидҷаъфар Усмонзода, раиси пешини Ҳизби демократ ва вакили парлумон, ки моҳи июн "барои бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият" муттаҳам ва расман боздошт шуд, "дар ҳамкории зич қарор доштанд".

Юсуф Раҳмон гуфт, ки нисбати нафарони зикршуда парванда боз шуда, мавриди тафтиш қарор дорад, аммо бо такя ба сирри тафтишот ва муҳри махфӣ дар парванда аз пешниҳоди маълумоти бештар худдорӣ кард.

Юсуф Раҳмон танҳо гуфт, "касе, ки ба давлат, ба миллат, ба президент хиёнат мекунад, дар назди қонун ҷавоб медиҳад, навобаста ба он ки дар чӣ вазифа кор мекунад ё чӣ вазифаро ишғол карда буд".

Ҳамчунин, зимни нишасти матбуотӣ Прокурори генералӣ боздошти беш аз 20 нафарро барои қасди акти террористӣ дар арафаи чашни Наврӯзи соли 2024 дар кишвар тасдиқ кард ва гуфт, ки онҳо аъзои ташкилоти дар Тоҷикистон мамнӯи террористии ДОИШ (фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон) мебошанд ва мехостанд "гурӯҳи одамонро захролуд кунанд".

"Дар ҳақиқат содиршавии акти террористӣ бо роҳи захролудкунии гурӯҳи одамон дар арафаи чашни Наврӯз аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешгирӣ карда шуд ва дар робита ба он зиёда аз 20 аъзои ташкилоти террористии ДОИШ дастгир карда шудаанд",- гуфт Прокурори генералӣ.



НИГАРОНИИ ШОҲИЁН АЗ КИРДОРИ СУДЯ

Дар нимсолаи аввали соли 2024 се судя ба ҷавобарии ҷиноятӣ ва 7 судя ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шудаанд. Дар ин бора Шермуҳаммад Шоҳиён, раиси Суди Олӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Шермуҳаммад Шоҳиён гуфт, ки тафтишот ва барасии парвандаи собиқ судяи ноҳияи Панҷ Бахтиёр Абдураҳмонзода ҷамъбаст гардида, Суди Олӣ ӯро дар асоси қисми 3-и моддаи 319 ва қисми 4-и моддаи 247-и Кодекси ҷиноятӣ ба муҳлати 8 сол аз озодӣ маҳрум кард.

Бахтиёр Абдураҳмонзода барои гирифтани 122 ҳазор сомонӣ муттаҳам мешавад.

Ҳамчунин, Шермуҳаммад Шоҳиён гуфт, ки дар 6 моҳи соли 2024 ду судяи дигар - Фирдавс Мачидзода, собиқ судяи Суди шаҳри Левакант ва Ҳанифа Алимзода, собиқ судяи Суди шаҳри Кӯлоб низ ба ҷиноят даст задаанд.

Ҳамчунин, Шермуҳаммад Шоҳиён ба қазияи пурсарусадои Зоҳир Муъминзода, раиси собиқи Суди ноҳияи Шамсиддин Шоҳин равшанӣ андохт.

Шоҳиён рафтори Муъминзодаро "ташвишовар" ва "зарба" ба обрӯ ва эътибори ниҳоди судӣ донист.

Шоҳиён гуфт: "Мавод ба Суди Олӣ пешниҳод гардид, аз ҷумла сабти ҳодиса. Маълум гашт, собиқ раиси Суди ноҳияи Шамсиддин Шоҳин нисбати сарбозе, ки санҷиши ҳуҷҷатҳоро мегузаронид, рафтори ғайриқонунӣ мекунад. Сарбозро латукӯб мекунад. Дар натиҷа сарбоз ҷароҳат бардоштааст".

Ёдовар мешавем, ки Муъминзодаро рӯзи 18-уми июл ба гуноҳи латукӯби сарбози неруҳои марзбонӣ аз мақом ронда, аз кор дар додгоҳҳо маҳрум карданд.

Аз нишасти матбуотӣ



Дар шаш моҳи аввали соли 2024 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон 1621 мурочиати шахсони воқеиву ҳуқуқиро баррасӣ намуда, талаботи 414 арзкунанда қонеъ гардида ва нисбат ба 1122 мурочиат қарорҳои дахлдори қонунӣ қабул карда шудаанд.

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ директори Агентӣ Сулаймон Султонзода иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки Агентӣ 258 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронида, ба маблағи 251,1 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор намудааст.



Феълан барои андозсупорандагону шахрвандон 43 хизматрасонии давлатӣ дар шакли электронӣ пешниҳод гардидааст. Дар ин бора Нусратулло Давлатзода, раиси Кумитаи андоз зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи Нусратулло Давлатзода, ташкили чунин хизматрасониҳо ба соддаю осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидор мусоидат менамояд. Гуфта шуд, ки ба шахрвандон имконият фароҳам шудааст, то бо истифода аз хизматрасонии эквайрингӣ, ҳамёни электронӣ ва пос-терминалҳо маблағи андозҳо ва боҷҳоро ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.



Дар нимсолаи аввали соли равон миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ дар Тоҷикистон ба 7,6 миллион адад расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 28,7 % бештар аст.

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки ҳоло шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 10,4 миллион адад баробар гардида, нисбат ба соли гузашта 39% афзудааст.

АЗ АФЗОИШИ ҶИНОЯТКОРӢ ТО ШАРҲИ КУШТОРҲО ДАР КОНИБОДОМ

Афзоиши сатҳи ҷиноятқорӣ дар кишвар, боздошти 27 сокини Язғулом бо ҷурми узвият дар гурӯҳи тундрави "Ансоруллоҳ" ва шарҳи куштorҳои гурӯҳӣ дар Конибодом дар меҳвари нишасти матбуотии Вазорати корҳои дохилӣ қарор дошт.



Аламшозода Абдураҳмон, муовини якуми вазири корҳои дохилӣ зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод, ки давоми 6 моҳи аввали соли равон дар Тоҷикистон сатҳи ҷиноятқорӣ афзудааст.

Ба иттилои номбурда, дар нимсолаи аввали соли равон 11 ҳазору 804 ҷиноятро сабт кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 192 адад зиёд мебошад.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки давоми 6 моҳи соли равон ВКД аз 3 амали террористӣ дар кишвар пешгирӣ кардааст. Ба иттилои Аламшозода, соли гузашта 582 ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта сабт ва 226 нафар аъзои ташкилотҳои террористию ифротӣ дастгир гардидаанд.

Абдураҳмон Аламшозода, муовини аввали вазири корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, ки давоми моҳи май 27 нафарро аз ҷамоати Язгуломи ноҳияи Ванҷ барои узвият ба гурӯҳи террористии "Ансоруллоҳ" дастгир кардаанд.

"4 нафари дигар дар ҳоричи кишвар дар кофтукоб ҳастанд",- гуфт ӯ.

Ёдовар мешавем, ки "Ансоруллоҳ" ё "Ҷамоати Ансоруллоҳ" тибқи қарори Суди Олии Тоҷикистон террористӣ ва фаъолияташ мамнуъ аст.

Дар нишасти матбуотии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон муовини аввали вазир генерал-лейтенант Аламшозода Абдураҳмон куштorҳои ваҳшиёна дар шаҳри Конибодомро низ шарҳ дод.

Номбурда гуфт, ки аз куштorҳои дар Конибодом рухдода алакай 3 куштор ба пуррагӣ ошкор шуда, 2 ҳолати дигар мавриди тафтиш ҳастанд.

Аламшозода зикр кард, ки куштори оилаи Шариповҳо ва Умаровҳо дар пайи моҷароҳои оилавӣ сар задаанд ва парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаи ба суд ирсол гаштан қарор доранд.

"Вобаста ба ду куштори ахир дар оилаи Ахмедовҳо ва Ибрагимовҳо бошад, гурӯҳи фаврӣ-тафтишотӣ ҳам аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳам аз ҷониби Прокуратураи генералӣ кор карда истодаанд. Ба хотири ифшо накардани сирри тафтишот айни замон мо ба пуррагӣ дар ин масъала ахборот дода наметавонем. Парвандаҳои ҷиноятӣ ҳаматарафа ҳаллу фасл карда шаванд, баъдан дар ин бора як гузориши муфассал пешниҳод менамоем",- гуфт муовини вазир.

Аз нишасти матбуотӣ



Дар шаш моҳи соли равон дар вилояти Хатлон беш аз 1 ҳазору 720 километр роҳи мошингард таъмиру навсозӣ карда шуд. Дар назар аст, ки то охири сол боз беш аз 120 километр роҳи дигар азнавсозӣ карда шавад.

Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки дар умум 1 ҳазору 727 километр роҳ бо харҷи 55 миллиону 500 ҳазор сомонӣ таъмиру навсозӣ гардид. “Хурсандиовар аст, ки имрӯз дар вилояти Хатлон барои роҳсозӣ миёни деҳаҳо мусобиқа рафта истодааст. Ин бояд бештар ташвиқу тарғиб карда шавад”,- гуфт раиси вилоят.



Моҳи сентябри соли равон дар ноҳияи Дӯстӣ муассисаи таълимӣ барои беш аз ҳазор хонанда ба истифода дода мешавад. Муассисаи мавриди назар бо саҳми Туркманистон бунёд гардидааст.

Даврон Нишонзода, раиси ноҳияи Дӯстӣ дар нишасти хабарӣ гуфт, ки дар муассисаи таълимӣ 90 дарсад корҳои сохтмонӣ ба охир расидааст.

«Муассисаи таълимӣ аз се ошёна иборат буда, дар як баст 540 хонандаро қабул карда метавонад”,- иттилоъ дод номбурда.



Дар ноҳияи Ёвон ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар сохтмони беш аз 560 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.

Бахтиёр Шарифӣ, раиси ноҳияи Ёвон 7-уми августи соли ҷорӣ дар нишасти хабарӣ гуфт, ки алакай 180 иншоот сохта ба истифода дода шуд. Ба таъкиди вай, дар боқимонда иншооти банақшагирифта корҳои сохтмонӣ бомаром идома доранд.

ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Посухи Тоҷикистон ба даъвоҳои иғвоангез

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон вокуниши мухолифин, созмонҳо ва рӯҳониёни баъзе аз кишварҳоро ба тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки як банди он ба пӯшидани либос марбут аст, “иғвоангез” номид.



Тарҳи нави қонун моҳи июни имсол қабул шуд. Тибқи он, “овардан, фурӯхтан ва пӯшидану таблиғи либоси ба фарҳанги миллӣ бегона” манъ аст. Агар пештар барои риоя накардани қонуни танзим танҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шуда буд, ҳоло ҷавобгарии ҷиноятӣ илова гардидааст ва аз ҷаримаҳои ҳангуфт то се сол зиндонро дар назар дорад.

Тағйиру иловаҳои ҷадид ба қонун боиси сарусадои зиёде дар расонаҳо гардид. Аз ҷумла рӯҳониёни гурӯҳи тундрави “Толибон” ва мухолифини Ҳукумати Тоҷикистон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ тарҳи нави қонунро “дастури манъи сатру ҳиҷоб” унвон карда ва ба “ҷиҳоди зидди” Тоҷикистон даъват намудаанд.

Ҳамин аст, ки рӯзи 13-уми август дар Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон бо иштироки дипломатҳои хориҷӣ ва расонаҳои байналмилалӣ брифинге баргузор шуд, ки ҳадафи он шарҳу тавзеҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» буд.

Фаррух Шарифзода, муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар брифинг гуфт, ки ҳадафи Тоҷикистон аз қабули қонун ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешгирӣ аз ифротгароист.

“Бисёр мутаассифем, ки вақтҳои охир аз ҷониби гурӯҳҳои тахрибкору тафриқаангез дар баъзе манотиқи ҷаҳон, ки пешрафту шукуфоии кишвари моро намеписанданд, изҳори ақида ва ҳатто амалкардҳои носолим сурат мегирад”,- гуфт ӯ.

Шарифзода гуфт, ки ҳадафи тағйирот ба қонуни мазкур “барои нигоҳ доштани асолати арзишҳои динӣ равона шудааст”.

“Ин гурӯҳҳо муғризона, беасос ва манфиатчӯёна шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Гӯё дар Тоҷикистон пӯшидани сатр, ҳиҷоб манъ бошад ва анҷоми фароизи ҳаҷ маҳдуд гаштааст. Вобаста ба ин бояд арз намоям, ки ин ҳарфҳо ягон асос надоранд”,- гуфт Шарифзода.

Саидмукаррам Абдукодирзода, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон дар ин ниҳаст зикр кард, ки қонуни мазкур на маҳдуд кардани озодиҳои динӣ, балки чораи пешгирӣ аз ифротишавист: “Ҳамаи корпусҳои дипломатӣ хуб медонанд, ки дар кишварҳояшон бо либоси миллӣ меъёрҳои шаръӣ риоя мешавад. Дини мубини ислом кадом намуде, ранге ё мӯде муайян накардааст, барои сатри зани мусалмон”,- гуфт номбурда.

Мудири Маркази исломшиносии Тоҷикистон Абдураҳим Холиқзода меъёрҳои қонуни танзим ва масъулият дар тарбияи кӯдакро ба табиати давлати демократӣ мувофиқ донист.

“Қонуни масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд ва ҳам қонуни танзими ҷашну маросим пурра ба талаботи Конститутсия ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мувофиқат мекунад”,- гуфт ӯ.

Холиқзода ҳамчунин гуфт: “Вобаста ба масъалаи бамиёномада ёдовар мешавем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуне, ки қонеъ намудани эҳтиёҷоти динии шаҳрвандонро маҳдуд месохта бошад, қабул нагардидааст. Ба шахсони ҳангомаҷӯй бояд посух дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди 4000 масҷиди марказӣ, ҷомеъ ва панҷвақта озодона фаъолият намуда, ба 2500 нафар намозгузорон 1 масҷид рост меояд, ки ин нишондиҳанда дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал меистад”.

Директори Маркази исломшиносӣ вобаста ба масъалаи ба истилоҳ «манъи сатру ҳиҷоб» гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд аз асли масъала огоҳ карда шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «манъи сатру ҳиҷоб» вуҷуд надошта, балки баръакс, дар сатҳи давлатӣ, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав масъалаи ҳифзи фарҳанги миллӣ баррасӣ гардидааст, ки чунин иқдом дар ҷаҳони ислом аввалин буда, қобили таҳсин аст.

Д. ҚОДИРПУР

Дар нимсолаи аввали соли 2024 шумори сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон сафар кардаанд 19,1% афзоиш ёфтааст. Ба ҷумҳурӣ асосан шаҳрвандони кишварҳои узви ИДМ омадаанд.

Тибқи омори Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон, дар шаш моҳи аввали соли 2024 748,3 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ вориди ҷумҳурӣ шудаанд, ки аз ин шумора 580,5 ҳазор нафар ҳамчун сайёҳ ба қайд гирифта шудаанд.

Ба иттилои ин ниҳод, дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аз ин шумора 41 ширкат дар ВМКБ, 101 ширкат дар Душанбе, 46 ширкат дар вилояти Суғд, 17 ширкат дар вилояти Хатлон, 9 ширкат дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ мебошанд.



АГАР КАМЕРАҲО НАБОШАНД...

ё қурбониҳои рӯзафзун дар “ҷанги роҳ”



- Ака, мошинатро дар ҳамин ҷо нигоҳ дор, ман фароям...

- Наметавонам, камера ҷарима мекунад. Камтар тоқат кунед, пас аз 10-15 метр меистам.

- Оҳ ин камераҳо,- пас аз фаромадани ҳампаҳлуяш ба шикоят оғоз намуд мусофири дигари таксии “10-сомона” (мусофирбарони ғайриқонуние, ки дар давоми се соли охир нархашон аз 3 сомонӣ ба 10 сомонӣ расид),- аз дасти ҳаминҳо ва ҷаримаҳои ҳангуфташон ман мошинсавориро бас кардам. Бехтараш пули ҷаримаро сарфа мекунаму ба мошини дигарон савор мешавам. Ҳам сӯзишворӣ сарфаю ҳам пулу ҳам “нерв”...

- Агар ҳамин камераҳо набошанд, ин шаҳри пурмошин аз Ҳиндустон бадтар мешавад...

- Шумо дар Ҳиндустон будед?,- савол кард ба ҳампаҳлуи солмандаш ҷавондухтари дигари мусофирбар бо шавқ...

Мард каме забон хоиду ҷавоб дод:

- Не, ҳамту дар киноҳо дида будам...

Ҳама табассум карданд...

“Агар камераҳо набошанд...”. Чунин андеша имрӯз дар сари ҳар сокине, ки бо мошин сарукор дорад ва ё аз он ҳамарӯза истифода мебарад, чарх мезанад. Яке шикоят мекунаду дигаре розӣ аст, ки камераҳои назоратиро на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар тамоми роҳҳои саросари кишвар насб кунанд. Воқеан, агар камераҳои назоратӣ дар сари роҳи садамаи пуркурбоние, ки дар роҳи Мастчоҳи нав рух дод ва ҳарду ронанда аз мавҷудияти он огоҳ мебуданд, шояд суръатро баланд намекарданду имрӯз ҳафт марду зану кӯдак зери хок намешуданд. Агар камераи назорати автоматӣ дар роҳи Душанбе - Кӯлоб, Душанбе - Бохтар мешуд, шояд то имрӯз ҷони даҳҳо нафарро аз дасти марг наҷот додан мумкин буд. Агар ин камераҳоро дар аксари қисматҳои хатарноки шоҳроҳи Душанбе - Чаноқ мешинонданд, бо боварии сад дар сад метавонистӣ гӯй, ки дигар “слепой поворот” марговар нест. Зеро пахш кардани хати буриши роҳ ҷаримаи калон дорад ва ронандае, ки мехоҳад онро “бурад”, пеш аз ин кор сад бор “бармекашад”, ки ин кораш ба ғайр аз хатари сарбасар шудан бо мошини аз рӯ ба рӯяш омадаистода боз чӣ зиёне дорад.

ТЕЪДОДИ САДАМАҲО ДАР МУҚОИСА БА 6 МОҲИ СОЛИ 2023 ТАҚРИБАН 12 ДАРСАД АФЗУДААСТ, ТЕЪДОДИ ЗАХМИЁН 13 ДАРСАД ВА ШУМОРАИ ҶОНБОХТАГОН АЗ 22 ДАРСАД БЕШТАР АСТ. ЯЪНЕ ДАР ҲАР 3 РӮЗ 5 НАФАР БА ҲАЛОКАТ РАСИДААНД...

Дар суҳбатҳо баъзе нафарони беандеша баъд аз садамаҳо иброз мекунанд, ки “хайр айби худаш дия, чаро қоидаи ҳаракатро вайрон кард...”. Аммо андеша кунед, ки дар ҳар садама танҳо як нафар айбдор аст - ронандае, ки қоидаро вайрон намуд. Аммо он духтараки донишҷӯ ва он мӯйсафеди ҳафтодсолаю кӯдаки даҳсола чӣ гуноҳ доштанд?

Пас, ин ҷо айбҷӯй не, чорачӯй лозим аст. Чораи муассире, ки ба ин “ҷанги” пуркурбонӣ хотима диҳад. Чаро “ҷанг”?

Бале, ҷанг дар роҳҳои ҳамвору зебои кишвар. Зеро, бо он ки роҳҳои мо имрӯз ҳатто боиси рашки ҳамсояқишварҳоямон гаштаанд ва ронандагони самарқандӣ бо мошинҳои худ ба Тоҷикистони мо меоянду аз мошинронӣ дар ин роҳҳо ба қавли худашон, “кайф” мекунанд, дар шаш моҳи охир 236 нафар ҷон додаанд. Яъне, ҳар ним сол мо дар ин “ҷанг” як рота сарбозро аз даст медиҳем, ки талафоти сангин аст.

Ба гуфтаи Вазорати корҳои дохилӣ, ба замми ин боз 570 нафар ҷароҳат бардоштаанд.

Теъдоди садамаҳо дар муқоиса ба 6 моҳи соли 2023 тақрибан 12 дарсад афзудааст, теъдоди захмиён 13 дарсад ва шумораи ҷонбохтагон аз 22 дарсад бештар аст. Яъне дар ҳар 3 рӯз 5 нафар кушта шудаанд...

Алабатта, афзоиши шумораи мошинҳо низ ба зиёд шудани шумораи садамаҳо таъсир мерасонад, аммо тавре афсарони ботачрибаи БДА мегӯянд, аксари ин садамаҳои маргбор маҳз бо сабаби ҳаракат бо суръати баланд рух додаанд. Зеро дар ҳолати баланд набудани суръат, ронанда дар ҳар сурат метавонад мошинашро идора кунаду ҳолати садамавиро бартараф созад. Аммо агар суръаташ баланд бошад, ба ин кор фурсат намеёбаду садамаро агар хоҳад ҳам, пешгирӣ карда наметавонад. Мардум беҳуда нагуфтаанд, ки “оҳиста рав, ҳамеша рав...”.

Пас, барои раҳоӣ ёфтан аз ин варта чӣ бояд кард, ки талафоти рота ба баталон табдил наёбад? Аксари чораҳое, ки то ин дам дида шудаанд, камтаъсиранд. Масалан то замоне, ки ришва ҳаст, ронандаҳои нохонда сари чамбарак мешинанд, то вақте ки ришва ҳаст, корманди БДА ба ронандаи қоидавайронкун таъсир расонида наметавонад. Алҳол, ягона корманди “поквичдон” - ин боз ҳамон камераи назоратии автоматӣ аст, ки худаш ҷаримабандӣ мекунад. Ва агар чунин камераҳоро дар роҳҳои пурхатари беруназшаҳрӣ низ насб кунанду (аз ҳисоби маблағи ҷаримаи камераҳои худкори пойтахт) ба кори он дахолат накунанд, шояд танҳо ҳамон теъдоди қурбониёни роҳҳоро кам кунад...

... Мошини мо қад-қади рӯди тезоби Варзоб бо суръат ҳаракат дорад. Бо гӯшаи чашм ба суръатсанҷ нигоҳ мекунам: 90-95 километр/соат. Ба ишорачӯби роҳ нигоҳ мекунам: 40 км/соат. Ин дам чанд мошини аз рӯ ба рӯ оянда бо чароғҳои худ “чашмак” задан гирифтанд ва ронандаи мо “ГАИ” гуфту суръатро якбора ба 60 ва баъдан то 40 км/соат фаровард ва мо мисли “мусичаи бегуноҳ” аз назди ду корманди БДА, ки дар даст “радар” доштанд, гузаштем. Чунин чашмакзаниҳои огоҳкунандаро ронандагон ҳамчун якдилии ҳамкасбон дар ҳама ҷо истифода мебаранд ва ҳамдигарро аз “аз хатар” огоҳ мекунанд. Баъди як хамгашти дигар боз ҳамон 80-90 ва то “чашмакзанӣ”-и оянда ва ё...

... Худо нишон надиҳад!

А. АҲМАДЗОДА,
журналист

Аз нишасти матбуотӣ



Нақшаи қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ дар шаш моҳи имсол дар сатҳи 110,0 % таъмин шуда, ба буҷет 10,1 миллиард сомонӣ ворид гардид.

Дар ин хусус муовини якуми вазири молияи Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ иттилоъ дод. Номбурда гуфт, ки дар ин давра иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ дар сатҳи 107,0 % таъмин гардида, ҳаҷми умумии воридоти маблағҳо 5,0 миллиард сомониро ташкил дод. Ҳаҷми воридоти маблағҳо нисбат ба нақша 308,0 миллион сомонӣ зиёд мебошад.



Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо 35 муассисаи таълимию илмии хориҷӣ ҳамкорӣ дорад.

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Директори иҷроияи филиали донишгоҳ Рустам Ғаниев ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Гуфта шуд, ки ҳоло дар филиал 25 донишҷӯи хориҷӣ таҳсил дошта, 19 нафарашон аз Русия, 2 нафар аз Ӯзбекистон, 2 нафар аз Қазоқистон, 2 нафар аз Чин мебошанд.



Давоми шаш моҳи аввали соли 2024 дар Тоҷикистон фаъолияти 53 созмони ҷамъиятӣ қатъ гардидааст. Дар ин бора дар нишасти матбуотии Вазорати адлияи Тоҷикистон иттилоъ дода шуд.

Гуфта шуд, ки аз ин теъдод 50 созмони ҷамъиятӣ бо ихтиёри худ фаъолиятро қатъ карда, 3 ташкилот бо пешниҳоди Вазорати адлия ва аз ҷониби додгоҳ аз ҳақи фаъолият маҳрум шудаанд. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маротиб камтар будааст. Ҳамчунин, зикр гардид, ки дар шаш моҳи аввали соли 2024 Вазорати адлия 48 иттиҳодияи ҷамъиятии навро ба қайд гирифтааст.

ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАИ БОНКИ ОСИЁИИ РУШД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

13-уми августи соли 2024 мулоқоти Қозидавлат Қоимдодов, Намояндаи доимии Бунёди Оғохон оид ба Рушд (АКДН) бо намояндаи Бонки Осиёии Рушд (БОР) оид ба тағйироти иқлим баргузор гардид.



Ҷонибҳо ҳамкориҳои мутақобила миёни АКДН ва БОР дар Тоҷикистон, аз ҷумла стратегияи минтақавии тағйирёбии иқлими Бонки Осиёии Рушд барои Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ ва Нақшаи пешниҳодшудаи нави амали иқлим барои Тоҷикистонро баррасӣ карданд.

Масъалаи ҳифзи пиряхҳо ва таъсири обшавии онҳо ба муҳити зист, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва ғайра дар мехвари мулоқоти ҷонибҳо қарор дошт.

Роҳбарияти АКДН қайд кард, ки дар ин самт бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии обуҳавошиносии мамлакат робитаи зич дорад.

САРМОЯГУЗОРИ АСОСӢ БА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН КИСТ?

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ба Тоҷикистон 1,95 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45,9% бештар аст.


Аз ин маблағ 153,9 млн доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ будааст. Дар ин бора зимни нишасти матбуотии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иттилоъ дода шуд.

Тибқи маълумоти Кумита, дар нимсолаи аввали соли 2024 дар кишвар 88 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 4,65 млрд доллар амалӣ шудааст.

КИШВАРҲОИ АСОСИИ САРМОЯГУЗОРИ ТОҶИКИСТОН


Дар нимсолаи аввали соли 2024

**Бо доллари ИМА*




САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ БА ТОҶИКИСТОН

Дар нимсолаи аввали соли 2024



МУЛЛО ҲАЙДАР ШАРИФЗОДА БАРКАНОР ШУД

Рӯҳонии шинохта Мулло Ҳайдар Шарифзода аз мақоми имомхатибии масҷиди марказии шаҳри Кӯлоб канор рафтааст. Хабари барканории ӯ рӯзи 9-уми август дар намози ҷумъа эълон шудааст.



Худи Мулло Ҳайдар сабаби канор рафтанашро ба “Озодӣ” ба синну солаш рабт додааст. Ёдовар мешавем, ки номбурда 78 сол дорад ва солиёни зиёд сархатиби масҷиди ҷомеъи марказии шаҳри Кӯлоб буд.

Дар намози ҷумъаи рӯзи 9-уми август имоми нави масҷиди марказии Кӯлоб муаррифӣ шудааст. Мулло Ҳайдар дар суҳбаташ ба намозгузорон гуфтааст, ки аз вазифаи сархатибӣ меравад, вале сохтмони бинои нави масҷидро назорат хоҳад кард.

Мулло Ҳайдар Шарифзода яке аз рӯҳониёни шинохтаи кишвар аст. Номи ӯ дар охири солҳои 80-ум маъруф шуд. Вай дар гирудорҳои солҳои 90-ум ширкати фаъол дошт ва тарафдори ҳукумати қонунӣ буд. Мулло Ҳайдар ҳамчунин вакили Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъвати 12-ум) буд ва дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон ширкати фаъол дошт. Ӯ аз ибтидои солҳои 90-ум мухолифи Ҳизби наҳзати исломӣ буд, ки баъдан фаъолияти он дар Тоҷикистон мамнуъ гардид.

Мулло Ҳайдар Шарифзода пас аз солҳои 2000-ум аз сиёсат канор рафт, вале бо изҳоротҳояш ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ВАО ва ҷомеа қарор дошт.

МАВЛУДНОМА

• 15 АВГУСТ •

Холмаҳмад Азимов (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

София Аҳмадова (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Хоҷабек Зулфиқоров (1939-2000), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Давид Илёбоев (1924), 100-солагии зодрӯзи рассоми кино, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Ғайбулло Қароев (1939-2000), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

Сиддиқ Маҳмудов (1924-1998), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Сироҷиддин Нуриддинов (1919-1994), 105-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Қурбон Сафолов (1939-2008), 85-солагии зодрӯзи рассоми телевизион, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Яков Эделштейн (1869-1952), 155-солагии зодрӯзи географи рус, таҳқиқгари ҷуғрофияи Тоҷикистон.

• 16 АВГУСТ •

Раҳим Азимов (1964), 60-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Саид Қироатов (1904-1991), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Валӣ Маҳмадзиёев (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Фаслибаҳорхонум Ҷаннат (1879-1944), 145-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

• 17 АВГУСТ •

Леонид Корнеев (1909-1987), 115-солагии зодрӯзи рассом ва ҳунарманди театр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Худойбердӣ Қодиров (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Ашӯра Носирова (1924), 100-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

• 18 АВГУСТ •

Ҳошим Султонов (1919-1990), 105-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Назри Яздон (Раҳматуллоев) (1949), 65-солагии зодрӯзи шоир.

• 19 АВГУСТ •

Саидалӣ Гулов (1954), 60-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Рафаил Парелштейн (1909-1984), 105-солагии зодрӯзи кинорежиссёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Мардон Шарофов (1934), 90-солагии зодрӯзи санъатшинос.

• 20 АВГУСТ •

Валентина Бобоева (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Мақсуд Боқиев (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Қодири Ғафур (1949), 75-солагии зодрӯзи мутарҷим, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Майсара Дилдорова (1944), 80-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Ҳанифа Искандарова (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Юсуфалӣ Муродов (1944), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Насим Олимов (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Мақсуди Ҳоҷимуҳаммад (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир, олими соҳаи биология, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Бурхард Брентес (1929), 95-солагии зодрӯзи шарқшинос-муаррихи немис, муҳаққиқи тамаддуни мардуми Шарқ, аз ҷумла тоҷикон.

Михаил Сале (1899-1961), 125-солагии зодрӯзи филолог ва нависандаи рус, мутарҷими осори Берунӣ, Ибни Сино ва Хоразмӣ (аз арабӣ ба русӣ).

• 21 АВГУСТ •

Абдулфатҳи Сиҷзӣ (954-1024), 1070-солагии зодрӯзи файласуф, астроном ва математики форс-тоҷик.

Бурҳон Уроқов (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Пиэр-Амаде Жобер (1779-1847), 245-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Ворисони Сино

Бахшида ба Рӯзи кормандони соҳаи тиб

Агар ҳадафи мо бунёди ҷомеаи солим ва соҳибмаърифат бошад, пас таваҷҷуҳамонро ба ҳифзи саломатии ҳар як инсон равона намоем. Дар хотир дорем, ки танҳо насли аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим метавонад бунёдгузори ҷомеаи нав бошад.

Эмомалӣ РАҲМОН,
Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



СОЛИМИИ МИЛЛАТ – БОИГАРИИ ДАВЛАТ

Таҷлили Иди касбии кормандони соҳаи тандурустии мамлакат дар рӯзи зодрӯзи падари илми тиб Абӯалӣ ибни Сино рамзӣ ва фоли нек буда, ҳар кадоми мо - кормандони соҳаи тандурустии кишварро водор месозад, ки ба пешаи интихобкардаамон содиқ бошем, ҳифзи солимии аҳолиро дар мадди аввал қарор диҳем ва пайравони асили ин ҳакими давру замон будани хешро исбот намоем.



Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳои хеш таъкид мекунанд: “Дар кишвари соҳибистиқлоли мо саломатии мардум бойигарии давлат ва чузъи таркибии ҳадафҳои стратегии он дониста шудааст”.

Ҳамин аст, ки бо мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ, бахусус дастгирии ниёзмандон, оилаҳои камбизоат ва маъюбон бо роҳҳои тадриҷан боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои судманд меандешад.

Махсусан, дар баробари дастгирӣ ва ҳавасмандгардониҳои қаблӣ, аз 1-уми июли соли 2024-ум 20% зиёд гардидани маоши кормандони соҳаи тандурустӣ аз ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи хосаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳаи ҳаётан муҳим дарак медиҳад.

Беҳтар кардани вазъи кадрии соҳа яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа ба шумор рафта, он зери таваҷҷуҳи хосаи давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар ин замина, қайд кардан бамаврид аст, ки то 1-уми июли соли 2024 дар муассисаҳои тандурустӣ 21616 нафар табиб ва 62485 нафар корманди миёнаи тиббӣ кор мекунанд, ки ин нишондод нисбат ба соли гузашта 2,1 ва 1,8 % зиёд мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли равон дар кишвар 1167 нафар табибон ва 2347 нафар кормандони миёнаи тиббӣ ба аттестатсия фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба 6 моҳи соли 2023 мутаносибан табибон 180 нафар зиёд ва кормандони миёнаи тиббӣ 1029 нафар кам мебошанд.

Дар ин давра дар муассисаҳои илмию таълимии вазорат дар маҷмуъ 7799 нафар кормандони соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ба таҳсили баъдидипломӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи 6 моҳи соли гузашта 366 нафар зиёд мебошад. Инчунин, дар ин муддат 187 нафар мутахассисон дар муассисаҳои таълимию илмии хориҷи кишвар ба такмили ихтисос фаро гирифта шуданд, ки нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 41 нафар зиёд мебошад.

Бо мақсади омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳа айни ҳол дар ҷумҳурӣ 37 коллеҷи тиббӣ, аз ҷумла 16 коллеҷи тиббии давлатӣ ва 21 коллеҷи тиббии ғайридавлатӣ фаъолият доранд.

Дар соли ҷорӣ баҳри беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, аз ҷумла сохтмон, таъмиру таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ дар кишвар як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, дар 6 моҳи соли 2024 дар ҷумҳурӣ 34 адад муассисаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шуда, 110 адад муассисаи тандурустӣ таъмир гардиданд.

Яке аз самтҳои муҳими соҳа - ин пайваста ворид намудани усулҳои нави ташхис ва табобат дар фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ мебошад. Дар шашмоҳаи аввали соли 2024 дар муассисаҳои тандурустии кишвар 62 навгониҳо, аз он ҷумла 27 адад дар самти ташхис ва 35 адад дар самти табобат ворид карда шудааст. Навгониҳои дар самти ташхис воридшуда, бемориҳои саратон, меъдаю рӯда, пайвандсозии узвҳо, бемории дилу рагҳо, бемориҳои пӯст ва дар самти табобат ҷарроҳиҳои дилу рагҳо, сутунмуҳра, пайвандсозии узвҳои инсон, бемориҳои меъдаю рӯда ва саратон, ҷарроҳиҳои қафаси сина, абдоминалӣ, рентгенэндоваскулярӣ ва чашмро дар бар мегиранд.

Дар ин росто, зикр кардан бамаврид аст, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ҷиҳати ҳарчи бештар коркард ва истифодаи гиёҳҳои шифобахши ватанӣ дар соҳаи тиб айни замон дар ҷумҳурӣ 64 корхонаҳои ватанӣ истеҳсоли 592 намуд доруворӣ ва молҳои тиббиро, ки дар умум 346 номгӯйро ташкил медиҳад, ба роҳ мондаанд.

Мавриди зикр аст, ки масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти Олии Ҳукумати кишвар қарор дошта, дар ин самт пайваста тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешаванд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки кулли кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар минбаъд низ ҷавобан ба ғамхорӣ ва дастгириҳои давлату Ҳукумати мамлакат тамоми кӯшиш ва талоши худро баҳри боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ равона хоҳанд сохт.

Бо чунин ният ва таманниёти нек тамоми кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакатро ба ифтихори Рӯзи касбии кормандони соҳаи тиб самимона шодбош мегӯям!

Ҷамолиддин АБДУЛЛОЗОДА,
вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба давлат миллати солим зарур аст ва ҷамаи мо бояд пеш аз ҳама ғамхори инсон, яъне мардуми кишварамон бошем. ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ДОНИШГОҲИ САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ОМОДА НАМУДАНИ КАДРҲОИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бузургтарин муассисаи олии таълимӣ дар соҳаи маорифу тандурустии кишвар маҳсуб меёбад. Бо дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол аз сол базаи модӣ-техникӣ беҳтар, биноҳои хуштарҳи донишгоҳ бунёд ва шароит барои фаъолияти омӯзгорону таълими донишҷӯён фароҳам карда шудааст.



Аз таърих то мақоми байналмилалӣ

ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар тӯли фаъолияти 85-солаи худ зиёда аз 60 000 мутахассисони соҳаи тиббро тайёр кардааст. Ҳоло хатмкардагони донишгоҳ дар баробари Тоҷикистон, дар зиёда аз 50 давлати дунё, аз ҷумла Русия, ИМА, Канада, Олмон, Швейтсария, Италия, Англия, Белгия, Исроил, Австрия, Туркия, Яман, Африка, кишварҳои ИДМ фаъолият доранд.

Ҳоло дар сохтори донишгоҳ 5 муовинат, хадамоти ректор, 3 раёсат, 12 шуъба, 8 бахш, 12 марказ, 5 факултет - тиббӣ, педиатрӣ, тиббӣ-профилактикӣ, стоматологӣ, фармасевтӣ, Пажӯҳишгоҳи тиби бунёдӣ, 60 кафедра, аз ҷумла, 35 кафедраи клиникӣ, 17 кафедраи назариявӣ ва 8 кафедраи умумитаълимӣ, 20 шӯро ва 27 озмоишгоҳи таълимию илмӣ фаъолият мекунанд. 35 кафедраи клиникии донишгоҳ дар пойгоҳҳои 29 муассисаи табобатию профилактикии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд.

Бо назардошти талаботи соҳаи тандурустии кишвар дар донишгоҳ 2 ихтисоси нав - “Биохимияи клиникӣ” ва “Психологияи тиббӣ” илова карда шуд, ки қабул ба ин ихтисосҳо аз соли нави таҳсили 2025-2026 ба роҳ монда мешавад. Феълан дар донишгоҳ аз рӯйи 40 ихтисос омода намудани мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар зинаи таҳсилоти баъдидипломӣ, аз ҷумла, таҳсил дар зинаи интернатура, ординатураи клиникӣ, ихтисосгирии аввалия, магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) ва докторантура ба роҳ монда шудааст. Аз соли нави таҳсили 2024-2025 аз ҳамаи ихтисосҳо дар постдокторантура тайёр кардани доктор ҳабилитат ба роҳ монда мешавад. Дар донишгоҳ таҳсил бо се забон - давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Муҳассилин

Дар Донишгоҳ теъдоди донишҷӯён 12734 нафар буда, бо муҳассилини баъдидипломии илмӣ ва муолиҷавӣ (1543 нафар) дар якҷоягӣ 14277 нафарро ташкил медиҳад. Аз 12734 нафар донишҷӯён, дар факултети тиббӣ 9363 нафар (73,5%), педиатрӣ 832 нафар (6,5%), стоматологӣ 1697 нафар (13,3%), фармасевтӣ 367 нафар (2,9%) ва тиббӣ-профилактикӣ 475 нафар (3,7%) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар Донишгоҳ 1776 муҳассилини хориҷӣ аз 27 давлати дунё, аз ҷумла, дар сатҳи тодипломӣ 1752 нафар донишҷӯён ва дар сатҳи баъдидипломии илмӣ 10 нафар, дар сатҳи баъдидипломии муолиҷавӣ 14 нафар муҳассилин аз давлатҳои Ҳиндустон, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эфиопия, Финландия, Руанда, Зимбабве, Афғонистон ва Федератсияи Россия таҳсил мекунанд.

Ҳайати устодон

Ҳоло шумораи умумии кормандони донишгоҳ 1999 нафарро ташкил дода, аз онҳо 1065 (53,3%) нафар занон мебошанд. Дар донишгоҳ ҳайати профессорону омӯзгорон (ҲПО) 1224 нафар буда, аз онҳо 628 (51,3%) нафарро занон ташкил медиҳанд. Аз 886 нафар омӯзгорони асосӣ (занон 457 нафар - 51,6%) 422 нафар дорои дараҷаи илмӣ, аз ҷумла, 2 нафар академик, 5 нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва илмҳои тиб, 97 нафар доктори илм, профессор, 318 нафар номзади илм, дотсент ва 464 нафар муаллими калон ва ассистент буда, дараҷанокии илмӣ дар донишгоҳ 46,8%-ро ташкил медиҳад.

Назорати ҷиддӣ дар раванди таълим

Дар донишгоҳ ҷараёни таълим, баҳодиҳӣ ва натиҷагирии сифати таълим тибқи талаботи стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда шудааст.

Қобили зикр аст, ки ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар баробари иҷрои Нақшаи омодасозии мутахассисони соҳаи тиби кишвар, инчунин барои давлатҳои хориҷӣ мутахассисонро омода менамояд, ки дар соли ҷорӣ аз 2022 нафар хатмкардагон 314 нафар аз 11 кишвари хориҷӣ донишгоҳро хатм намуданд. Ин аз рақобатпазир будани таҳсилоти кишвари мо дар сатҳи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар баробари зинаи мутахассис, инчунин, дар зинаи таҳсилоти баъдидипломӣ аз рӯи барномаи интернатура ва ординатураи клиникӣ таҳсилот ба роҳ монда шудааст, ки аз рӯи 40 ихтисос амалӣ карда мешавад.

Илму амал тавъам

Соли равон аз ҷониби олимони донишгоҳ оид ба амалисозии 13 лоиҳаи илмии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ва 12 мавзӯи илмии кафедраҳо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба роҳ монда шудааст. 2 лоиҳаи илмӣ-тадқиқотӣ, аз ҷумла, «Сирояти сил: татбиқи усулҳои нави ташхис ва табобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи барномаи миллии «Ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои



солҳои 2021-2025» ва «Механизми таҳйирёбии танзими афзоиши инсон дар шароити зист дар минтақаҳои номусоиди иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи гранти Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад, ба роҳ монда шудааст.

Соли ҷорӣ дар 7 шӯроҳои диссертатсионии донишгоҳ вобаста ба ихтисосҳо 22 рисолаи илмӣ (1 рисолаи докторӣ, 20 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи доктор PhD) ҳимоя карда шудааст. Ҳамчунин, омӯзгорони донишгоҳ дар шӯроҳои диссертатсионии берун аз донишгоҳ 10 рисолаи илмӣ (1 рисолаи докторӣ ва 9 рисолаи номзадӣ) ҳимоя намуданд. Дар нимсолаи якуми соли 2024 донишгоҳ барои соҳаи тандурустии чумҳурӣ 32 нафар кадрҳои илмӣ омода кардааст.

Дар донишгоҳ 2 маҷаллаи илмӣ-амалӣ - «Авҷи Зуҳал» ва «Паёми Сино» («Вестник Авиценны») нашр мегарданд. Маҷаллаи илмӣ-амалии «Авҷи Зуҳал» бо забони давлатӣ нашр мегардад ва ба реестри КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаи илмӣ-амалии «Паёми Сино» («Вестник Авиценны») бо забони русӣ нашр мегардад ва ба реестри КОА Федератсияи Россия ворид мебошад. Боиси ифтихор аст, ки маҷаллаи «Паёми Сино» («Вестник Авиценны») дар минтақа аввалин маҷаллаи илмӣ-амалӣ мебошад, ки ба «Скопус» («Scopus») - Пойгоҳи чаҳонии маълумотии библиографии адабиёти илмии тақризшаванда ворид шудааст. Ҳамчунин, маҷаллаи нави сеюми донишгоҳ «Илм ва таҳсилот» бо забони давлатӣ ва русӣ аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №329 МҶ-97 аз санаи 22-юми феврали соли 2024 «Шаҳодатнома»-и иҷозатро гирифт. Нахустнашри аввали ин маҷалла бо фарогирии мақолаҳои олимони донишгоҳ ва беруна омодаи чоп мебошад.

Истеҳсоли доруворӣ

Дар назди донишгоҳ Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «Фарматсия» фаъолият дорад. Дар соли ҷорӣ дар шуъбаҳои дахлдори марказ 3851 қуттӣ аз 20 намуди растании шифобахши ватанӣ коркард карда, барои табобати беморон ба гардиш омода карда шуд. Марказ 1000 қуттӣ равғани сиёҳдона дар ғилофи истеҳсол намуда, барои табобати беморон ба гардиш ворид намуд.

Шуъбаи истеҳсоли маводи доруворӣ 400 адад коғазпечи доруи хокаи дибазолро бо меъёри кӯдакона, 1000 адад маҳлули спиртии йод, 1000 адад маҳлули спиртии бриллианти сабз, 1000 адад маҳлули спиртии левомитсетин ва ғайра тайёр карда, барои табобати беморон ба гардиш ворид намуд.

Дар маҷмуъ, дар ин марказ 20 номгӯйи гиёҳҳои шифобахши ватанӣ коркард ва омода карда мешавад ва 57 номгӯйи маводи доруворӣ тибқи дархост коркард ва омода карда, барои табобати беморон пешкаш карда мешавад.

Ташхису табобат

Ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои клиникӣ ва зерсохторҳои клиникии донишгоҳ дар баробари сарбории таълимиву тарбиявӣ ва илмию тадқиқотӣ сарбории муолиҷавию машваратӣ дошта, дар нимсолаи якуми соли 2024 дар самти фаъолияти муолиҷавӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ ухдадориҳои ба зимма доштаи худро муваффақона ба анҷом расониданд. Дар ин давра аз тарафи ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ ба 25894 бемор кумаки табобатию машваратӣ расонида шудааст.

Дар Маркази ташхисию табобатии донишгоҳ дар соли ҷорӣ ба 11515 нафари ниёзманд, аз ҷумла ба 466 нафар корманди донишгоҳ, 8926 нафар донишҷӯ ва 2123 нафар шахрванд кумаки табобатию машваратӣ расонида шуд. Дар шуъбаи ҷарроҳии марказ 726 бемор бистарӣ карда шуда, амалиётҳои гуногуни ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Дар Маркази таълимию клиникии «Стоматология»-и Донишгоҳ дар баробари таълим ба донишҷӯён, инчунин, кумаки баландихтисоси стоматологӣ ба аҳолӣ расонида мешавад. Дар соли ҷорӣ аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои факултети стоматологӣ ба 2330 нафар ниёзманд кумаки тахассусии стоматологӣ расонида шудааст.

Ҳамкории байналмилалӣ

Айни замон донишгоҳ бо 94 муассисаи таълимию илмии хориҷӣ созишнома ва қарордодҳоро ба имзо расонидааст. Тибқи шартномаҳои мазкур мунтазам барномаҳои мубодилаи академии донишҷӯёну омӯзгорон, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мактабҳои тобистона ва тадқиқоти илмӣ-амалии муштарак гузаронида мешаванд.

Дар соли ҷорӣ бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмиву таълимии хориҷи кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои илмии муштарак 6 созишномаи ҳамкорӣ бо муассисаҳои бонуфузи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Олмон, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба имзо расонида шуданд.

Дар доираи шартномаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷии Федератсияи Россия, Ӯзбекистон ва хориҷи дур Барномаҳои таълимии муштарак таҳия карда шудааст, ки дар соли таҳсили 2024-2025 таҳсили донишҷӯён тибқи онҳо амалӣ карда мешавад.

ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ ва ҳамаи барномаи таълимии ихтисосҳои донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, дорои сертификатҳои байналмилалӣ мебошанд.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино минбаъд низ ҳамчун муассисаи олии пешсафи сатҳи чаҳонӣ дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи тандурустӣ ва ворисони арзандаи Сино нақши муассир хоҳад гузошт.

Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА,
ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, доктори илми тиб, профессор

ТАШХИСИ ДАҚИҚ БО ТАЛАБОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



БАҲОДУР ХОЛНАЗАР,
директори Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ»

Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” аз гузаронидани тамоми озмоишҳои клиникӣ, биокимиёвӣ, иммунологӣ, бактериологӣ ва вирусологӣ иборат аст. Дар озмоишгоҳ тамоми шароити корӣ фароҳам оварда шуда, таҷҳизоти муосири он имконият медиҳад, ки ташхисҳои ниҳоят дақиқ бо сифати баланд, ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ ва сарфи ками неруи инсонӣ ба мизоҷон пешниҳод гарданд.



Ифтитоҳи расмӣ

Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” 28-уми апрели соли 2017 бо иштироки Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар вазъияти тантанавӣ ба истифода дода шуд. Озмоишгоҳ аз 3 ошёна ва таҳхона иборат мебошад. Тамоми кормандони озмоишгоҳ аз давраи омӯзишии кор бо таҷҳизоти муосири озмоишӣ аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолкунанда гузаронида шудаанд.

Барои фаъолияти мунтазами озмоишгоҳ як қатор таҷҳизоти лозима, аз ҷумла барои ворид намудани усулҳои муосири ташхис бахри таҷзияи занҷираи полимерозӣ (ПЦР) барои эҳтиёҷоти озмоишгоҳи бактериологӣ ва барои муайян кардани пайдарпайии нуклеотидҳои ДНК ва РНК (секвенирование) барои озмоишгоҳи вирусологӣ дастрас карда шуданд.

Дар давоми 7 соли фаъолияти босамар мутахассисони Озмоишгоҳи миллии референсӣ дар чандин кишварҳои хориҷӣ аз даврҳои бозомӯзӣ ва курсҳои омӯзишӣ гузашта, донишу таҷрибаи худро баланд бардоштаанд. Маҳз донишу таҷрибаи баланди касбӣ ва истифодаи оқилонаву самараноки дастгоҳу таҷҳизоти муҳайёгардида ба мутахассисони озмоишгоҳи мазкур имкон дод, ки дар самти ташхисҳои дурусту дақиқи шахрвандони мамлакат ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд. Озмоишгоҳҳои клиникӣ, биокимиёвӣ, бактериологӣ, вирусологӣ, иммунологии муассиса дар Системаи миллии аккредитатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия карда шуда, сазовори Аттестати аккредитатсия мебошанд.

Соҳиби сертификати байналмилалӣ

Бо дастгирии техникии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ озмоишгоҳи вирусологӣ дар барномаи назорати сифати берунаи муайян кардани вируси Covid-19 (SARS-CoV-2) бо усули Вокуниши занҷираи полимерозӣ (ПЦР) дар режими вақти воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, сазовори сертификати байналмилалӣ гардид. Баъд аз ташрифи аъзои комиссия ва баҳогузории коршиносони мустақили байналмилалӣ (96%) Озмоишгоҳи миллии референсӣ аз тарафи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ҳамчун Маркази миллии зуком эътироф карда шуд. Ба ғайр аз ин муассиса дар барномаи ТУТ оид ба баҳодиҳии берунаи сифат вобаста ба ташхиси озмоишгоҳии ковид SARS-CoV-2 иштирок намуда, соҳиби баҳогузории 100% ва сертификат шуд.


Озмоишгоҳи бактериологии Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” дар арзёбии берунаи сифат дар самти гузаронидани санҷиши ҳасосияти зиддимикробӣ, ки аз ҷониби Шабакаи назорати эпидемиологии муқовимати зиддимикробӣ дар Осиёи Миёна ва Аврупо (CAESAR) дар ҳамкорӣ бо Хадамоти миллии арзёбии сифат дар Британияи Кабир ба воситаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар соли 2023 гузаронида шуд, иштирок намуда, соҳиби баҳогузории 100% ва сертификат дар гузаронидани ташхисҳо вобаста ба ҳаммонандкунии микроорганизмҳо ва ҳасосият ба антибиотикҳо шуд. Дар давоми фаъолияти муассиса гузаронидани ташхисҳои муайян кардани брутселлёз бо усули иммуноферментӣ (ИФА), вируси папиломаи одам намудҳои 16,18, ошкор ва миқдоран муайян кардани ДНК-и 12 намуди вируси папиломаи одам, ки хатари баланди канцерогенӣ дорад, бо усули занҷираи полимерозӣ (ПЦР), ташхисҳои муайян кардани Д-димер, ферритин, онкомаркерҳо, тропонин, ки дар дигар озмоишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин усул гузаронида намешуданд, ба роҳ монда шуд. Ба ғайр аз ин гузаронидани ташхиси муайян кардани ҷисмҳои бегона (антитела) ба коронавируси Covid-19 ва ташхисҳои иммунологӣ бо усули иммуноферментӣ бо тариқи кушода ба роҳ монда шудааст.




Аз тарафи Шуъбаи баҳодиҳии берунаи сифати хизматрасонии (тадқиқоти) озмоишгоҳҳои соҳаи тандурустии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” пайваста дар муассисаҳои тандурустӣ, ки хадамоти озмоишгоҳӣ доранд, баҳодиҳии фаъолияти озмоишгоҳҳо ва баҳодиҳии берунии сифати хизматрасонӣ гузаронида шуда, фаъолияти онҳо таҳлилу баррасӣ карда мешавад.

Ташхиси ройгон ба эҳтиёҷмандон

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани қабули шахрвандон, мавриди баррасӣ қарор додани муроҷиати шахрвандон ва баҳодиҳии хизматрасонии муассиса мутобиқи Системаи идоракунии сифат ҳангоми пешниҳоди натиҷаҳои ташхис ба муроҷиаткунандагон ва кормандони тиб «Пурсишнома» тартиб дода шудааст. Дар асоси натиҷаҳои пурсиш аз тарафи роҳбарияти муассиса чорабиниҳои лозима барои бартараф кардани камбудиҳо дар самти хизматрасонии озмоишгоҳӣ андешида мешаванд.







Ба ғайр аз ин, аз ҷониби роҳбарияти “Озмоишгоҳи миллии референсӣ” дар самти дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тадбирҳои муҳим андешида шудааст. Дар пайравӣ аз сиёсати ғамхоронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби озмоишгоҳи мазкур ба садҳо ҳазор сокинони мамлакат, аз ҷумла шахсони камбизоат ва маъюб ташхисҳои ройгон расонида шудааст.

Бояд гуфт, ки Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» бо таҷҳизоти муосир мучаҳҳаз буда, дар он кормандони касбӣ ва соҳибихтисос дар лабораторияи муосири вирусологӣ фаъолият мекунанд. Ин озмоишгоҳ қодир аст, то тамоми вирусҳои зукоми мавсимиро ошкор намояд.

Озмоишгоҳи миллии референсӣ дорои системаи устувори идоракунии сифат бо расмиёти ҷорӣ ва иқтидори кофӣ барои коркард ва нигоҳдории намунаҳои клиникӣ мебошад.

Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» ба системаи Ҷаҳонии назорати зуком ва андешидани чораҳои зарурӣ, ки аз ҷониби Барномаи ҷаҳонии СУТ оид ба зуком тавассути пешниҳоди намунаҳои клиникӣ ба Маркази ҳамкории СУТ оид ба маълумот ва таҳқиқоти зуком дар назди Пажӯҳишгоҳи Фрэнсис Крик дар Лондон ҳамоҳанг карда мешавад, саҳм мегузорад. Илова бар ин, озмоишгоҳи мазкур бо Маркази миллии зукоми шаҳри Санкт-Петербург дар заминаи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии зукоми ба номи А. А. Смородинсеви Вазорати тандурустии Федератсияи Россия оид ба ошкор кардани вируси зуком тавассути РЗП (ПЦР) низ ҳамкорӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки ҳамзамон Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии референсӣ» дар барномаи ТУТ оид ба баҳодиҳии берунаи сифат вобаста ба ташхиси озмоишгоҳии ковид SARS-CoV-2 иштирок намуда, соҳиби баҳогузории 100% ва Сертификат шуд.

ДАСТОВАРДҲО ДАР РАҚАМ



АБДУРАҲИМЗОДА БОБОХОН ИСМАТ,
директори Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ»

Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» дар ду самт фаъолияти муассир дорад. Якум, стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ, ки барои расонидани хизмати шабонарӯзии фаврии тиббӣ пешбинӣ шудааст. Дуюм, дар ҳолатҳои фаврӣ ва самти бистаринамоӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои ковокии батн ёрии фавриву нақшавии ҷарроҳӣ, ҷарроҳии урологӣ ва консервативӣ расонида мешавад. Муассисаи мазкур чанд соли охир бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба дастовардҳои назаррас ҷиҳати ҳифзи сиҳатии ҷомеа ноил гардид. Рақамҳои поён бозгӯи муваффақияти кормандони мо аст.

2018

Соли 2018 дар муассиса навгониҳои зерин, аз ҷумла чуррабурии қадкашак бо усули лапароскопӣ (ТАРР) - пластика, бо усули сепаратсионӣ ба роҳ мондани бартарафкунии чурраҳои баъдиҷарроҳии девораи пеши шикам роҳандозӣ гардид. Мақсад аз ҷорӣ намудани ин тасмим кам кардани фоизи такроран пайдошавии чура ва оризаҳои баъдиҷарроҳӣ мебошад. Ҳамчунин, ба гирифторони бемории эхинококкози ҷигар, усули миниинвазивӣ PAIR - пунксия ва обияткашкунии кистаи эхинококкӣ таҳти назорати ултрасадо бо усули пусту ҷигарӣ, буриши атипикии ҷигар бо усули лапараскопӣ, резексияи трансуретралии адиномаи ғадуди пешҷой бомуваффақият амалӣ гардид.

Соли 2018 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 38,4% расонида шуд.

2019

Бо мақсади истиқболи шоистаи 30-солагии Истиқлоли давлатӣ, бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе дар муассиса оид ба корҳои ободонӣ ва созандагию эҳсонкорӣ корҳои пурсамар ба анҷом расид. Аз он ҷумла, дар соли 2019 барои муассиса 1 адад дастгоҳи рентгени рақамӣ ворид гардид.

Соли 2019 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 41,4% расонида шуд.

2020

Дар ин сол ба муассиса дастгоҳи рентгени мобилии рақамӣ, фибробронхоскопи мулоими тамғаи “Ptentax” бо системаи эндовидеоӣ дастрас гардид. Навгониҳо инҳоянд: буриши реши пиёзаки рӯдаи 12-ангушта, дуоденопилоропластика бо усули Гейника-Микулича бо тарзи лапароскопӣ, ташкили трасплантат аз ҳиссаи чап ва кундаланги рӯдаи ғафс барои гузоштани эзофагоколоанастамоз. Ҳамчунин, дар соли 2020 фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 49% расонида шуд.

2021

Дар соли 2021 ба муассиса дастгоҳи ҳозиразамони эндовидеоҷарроҳии Карлз Шторси истеҳсоли Олмон дастрас карда шуд. Муассиса бо дигар чумҳуриҳо ҳамкорӣ дошта, бо дастгирии бевоситаи Раёсати тандуристии шаҳри Душанбе аз санаи 28-уми сентябр то 14-уми октябри соли 2021-ум 2 нафар духтурони муассиса дар Озарбойҷон оид ба масъалаҳои эндовидеоҷарроҳӣ аз такмили ихтисос гузаштанд.

Бояд қайд кард, ки бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Озарбойҷон мутахассиси соҳаи эндовидеоҷарроҳӣ, профессор Гурбонхон Муслумов ба шаҳри Душанбе даъват гардида, якҷоя бо мутахассисони Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ ҷарроҳиҳои мураккаб, аз ҷумла гемиколэктомия аз рост бо гузоштани илеотрансверзоанастамоз оид ба омоси кӯррӯда, буриши рӯдаи сигмашакл ва ҷарроҳӣ оид ба чурраи қадкашак (ТАРР пластикаи тотали бе дӯхтани тӯри аллопластикӣ) бо намуди лапароскопӣ бо муваффақият анҷом дода шуд. Ин ҷарроҳӣ аввалин маротиба тариқи онлайн дар шабакаи иҷтимоии YouTube ба навор гирифта шуд.

Навгониҳо: гемиколэктомия бо гузоштани илеотрансверзоанастамоз бо усули лапараскопӣ.

Дастовард дар он аст, ки соли 2021 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 58,8% расонида шуд.

2022

Барои бехтар намудани хизматрасонии ёрии таъҷилии тиббӣ ба сокинони шаҳри Душанбе система навигатсияи GPRS дар стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ барои муайянсозии бригадаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ дар минтақаҳои хизматрасонӣ ба роҳ монда шуд. Ин ба хизматрасонии босифату саривақт ба чойи зарурӣ расидани мошинҳои ёрии таъҷилӣ мусоидат кард.

Ҳамчунин, соли 2022 дар муассиса навгониҳои зерин ворид карда шуданд: бартарафкунии чурраи хатми сафеди шикам бо гузоштани тӯри аллопластикӣ бо таври лапароскопӣ (Sublay), энакулятсияи кистаи сараки ғадуди зери меъда, амалиёти тораколапароскопӣ аз шуши рост ва ҷигар (симултанти).

Соли 2022 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 66,6% расонида шуд.

2023

Навгонӣ: буриши найчавии меъда (слив резекция) бо усули лапароскопӣ.

Соли 2023 фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 63,3% расонида шуд.

2024

Таъминнокии таҷҳизот дар 6 моҳи соли 2024 аз тарафи кумаки башардӯстонаи Ҷумҳурии Чин бо дастгирии Маҷомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе дасгоҳи Ренгенография (Hiph Freguency Mobile Digital C-arm system PLX 7000B) ба маблағи 477794 сомонӣ ворид шудааст.

Инчунин дар шуъбаи урология соли 2024 чунин таҷҳизоти нав ворид карда шуд:

- *рафи эндоскопӣ бо монитори Full HD Kaul Storz (Олмон);*
- *камераи наворбардори HD Camera F2PRO RZ vedizintechnik (Олмон);*
- *дастгоҳи сангшикани пневматикӣ Swiss Litho Clast 2 EMS (Швейтсария);*
- *дастгоҳи рентгенӣ C-arm technics TSA 6 (Италия);*
- *дастгоҳи ултрасадо Samsung HS 30;*
- *дастгоҳи танзими фишори маҳлул Endomat selest UP 210 Kaul Storz (Олмон);*
- *дастгоҳи нурафкан Power LEP 175 Kaul Storz (Олмон);*
- *дастгоҳи коагулятори моно ва биполяр Autocon lll 400 Kaul Storz;*
- *Розетоскоп Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти резексияи трансуретралии ғадуди пешҷой ва омосҳои масона;*
- *Литотрипсияи расишӣ Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти уретро ва систолитотрипсия;*
- *Нефроскоп Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти нефролитолапаксия;*
- *Уретротом Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти уретротомия;*
- *Систоскоп Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти ситоскопияи нигорӣ ва стенткунии найча;*
- *Уретроскоп Karl Storz - барои гузаронидани амалиёти уретролитоэкстраксия ва уретролитотрипсияи расишӣ.*

Иловатан, аз тарафи Маҷомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе, аз ҷониби бародаршаҳри Сичуани Ҷумҳурии халқии Хитой бо шаҳри Душанбе - шуъбаи урология бо дастгоҳи рентгении C-arm PLX 7000 (Чин) таъмин гардид.

Маврид ба зикр аст, ки соли 2024 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 65,1% расонида шудааст.









равон бо дастгирии бевоситаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи урологияи муассиса бо дастгоҳи литотриптори масофавии Modulith SLk (Олмон) муҷаҳҳаз гардид.

Навгониҳо: эктерпатсияи рӯдаи мустақим бо усули лапароскопӣ, буриши корпокаудалии ғадуди зери меъда бо усули лапароскопӣ.

Ҳамин тариқ, дар 6 моҳи соли 2024 дар муассиса фоизи ҷарроҳиҳои миниинвазивӣ ба 65,1% расонида шудааст.

Яке аз калонтарин муассисаҳое, ки бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, 4-уми марти соли 2016 мавриди истифода қарор гирифт, Муассисаи давлати Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» мебошад. Ин боргоҳи деринтизори сокинони шаҳри Душанбеву гирду атрофи он бо муосиртарин таҷҳизот ҷиҳозонида шуда, дар Осиёи Марказӣ беназир аст.



«ИСТИҚЛОЛ» - МУАССИСАИ БЕНАЗИР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Муттамарказ бо шароити арзанда

Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» бо назардошти шароиту имкониятҳои замонавӣ бунёд гардида, аз ташхисгоҳ бо таҷҳизоту озмоишгоҳҳои муосир, қисми хизматрасонии тиббӣ ба калонсолон, қисми ҷарроҳии кӯдакона, қисми беморихои соматикии кӯдакона, таваллудхона, шуъбаи наҷот ва муолиҷаи оҷил барои калонсолон, кӯдакону навзодон, маркази ёрии таъҷилӣ ва варзишгоҳ, маркази иттилоотӣ, китобхонаи электронии пайваст бо интернет иборат мебошад. Он ҳамчун муассисаи калонтарини бисёрсоҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дорои 650 кати табобатӣ, аз ҷумла 155 кати калонсолон, 182 кати ҷарроҳии кӯдакона, 213 кати соматикии кӯдакона, 100 кати таваллудхона мебошад, ки дар он ба беморон ҳама намуди ёриҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ расонида мешавад.

Ҷои ба таъкиди махсус аст, ки 75% иқтидори хизматрасонии тиббии Маҷмаа ба солимии модару кӯдак равона карда шудааст.

Дар сохторҳои ин боргоҳи саломатӣ 2802 нафар корманд, аз он ҷумла 621 табиб, 1077 ҳамшираҳои тиббӣ, 652 нафар кормандони хурди тиб ва 452 нафар кормандони маъмурӣ фаъолият мекунанд.

Илм дар амал

Яке аз ҷанбаҳое, ки ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад, ин раванди илм буда, дар муассиса 31 номзади илми тиб, 1 профессор, 3 доктори илм, 54 нафар Аълочии тандурустӣ, 7 нафар Аълочии илм ва маориф, 2 нафар дорандаи ордени «Шараф», 4 нафар дорандаи медали «Шафқат», 3 нафар барандаи Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ, 3 нафар дорандаи медали «Хизмати шоиста», 4 нафар Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатори беҳтарин кормандони Маҷмааи тандурустии «Истиқлол»-ро пурра мегардонанд.

Боиси ифтихор аст, ки дар тӯли фаъолият Маҷмаа ҳамчун аввалин муассисаи табобатӣ дорои нашрияи махсуси “Паёми Истиқлол” гардид, ки дар он дастовардҳои олимону табибони ватанӣ ва хориҷӣ ба табъ мерасанд.

Аз дастгоҳҳои нодир то амалиёти ҷарроҳии муваффақ

Маҷмаа бо пешрафтатарин таҷҳизоти замони муосир мучаҳҳаз гардонида шудааст ва айни замон дар он таҷҳизоту дастгоҳҳои ҳозиразамони нодир, ки истеҳсоли давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон, амсоли Амрико, Чин, Италия, Ҷопон, Россия, Олмон мебошанд, насб гардидаанд. Дастгоҳҳои нодиртарини ташхисӣ якчанд амалиёти ташхисиву табобатиро анҷом дода, кори табибонро сабук мегардонанд ва вақтро сарфа мекунанд. Аз ҷумла, ангиографияи усули муосири ташхис ва муолиҷавии рентгенологии беморихои дилу рагҳои хунгард мебошад. Бояд гуфт, ки тавассути ин дастгоҳ ҳам ташхис ва ҳам муолиҷаи рагҳои хунгарди дил ба роҳ монда шудааст. Мутахассисони шуъбаи ангиография ҳамарӯза амалҳои ҷарроҳиро дар беморони мубталои беморихои ишемиявии дил ва нуқсонҳои модарзодии дил бе буридани қафаси сина ва пайваст кардани дастгоҳи хунгардиши сунъӣ амалӣ менамоянд.

Дар ташхисгоҳи Маҷмаа беморон имкон доранд аз ташхиси томографияи магнитӣ-резонансӣ, томографияи компютерӣ, рентгени рақамӣ ва акси мамографӣ гузаранд. Таҷҳизоти мазкур ҳамагуна нуқсу беморихоро дар давраи бармаҳал метавонад ошкор намояд. Дастгоҳи рентгении рақамӣ дар як лаҳзаи кӯтоҳ беморро аз ташхиси рентгенӣ мегузаронад. Услуби маммографияи рентгенӣ дар мавриди гузоштани ташхиси беморихои ғадуди ширӣ ва саратонӣ аҳамияти калони амалиро молик мебошад. Дар ҳуҷраи дансиометрӣ ҳолати физиологӣ ва ё патологии зичии устухонҳоро аз ташхис мегузаронанд.

Озмоишгоҳи клиникӣ яке аз ҷузъҳои муҳими ташхисгоҳи муассиса маҳсуб меёбад, ки таҷҳизоти муосири он дар як вақт якбора 96 амалиёти ташхисиро иҷро менамоянд. Дар ташхисгоҳи Маҷмаа таҳлили ҳама нишондиҳандаҳои клиникиву биохимиявӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар шуъбаи мазкур озмоишгоҳи вирусологӣ ва бактериологӣ бо таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки бо назардошти талаботи ҷомеа ба тиби муосир дар Маҷмаа ҷарроҳихонаи махсусгардонидашуда барои ҷарроҳихои осебӣ ва раддодӣ бо тамоми таҷҳизоту дастовардҳои навтарини тиббӣ мучаҳҳаз гардонида шудааст. Дар ҳуҷраи шикастабандӣ ва ҷарроҳии таъҷилӣ рентгени мобилии электронӣ-оптикии ҳосилкунанда насб карда шудааст, ки имкон медиҳад тағйиротҳоро дар вақти ҷарроҳӣ акс намуда, рафти ҷарроҳӣ дар зери назорати бевоситаи ҷарроҳ бошад. Таҷҳизоти мазкур барои дақиқ гузоштани протезкунонӣ ва имплантат аҳамияти калони амалӣ доранд.

Дар шуъбаи осебшиносӣ ва раддодӣ амалиётҳои барқарорсозии пайвандаки солибшакл, ивазкунии буғуми сунъии рон ва тоталии зону бо истифодабарии бо артроскоп ба роҳ монда шудааст. Бояд қайд намуд, ки ҷарроҳӣ дар буғумҳо бидуни буридан анҷом ёфта, бемор дар муддати кӯтоҳ аз беморхона ҷавоб мешавад.

Дар қисми ташхисгоҳи муассиса шуъбаи тибби суннатӣ ва машваратию клиникӣ фаъолият менамояд, ки дар он ба таври ройгон амалиётҳои хатнаи писарон ва ҳамзамон амалиёти хатна ҳангоми будубоши писарбачаҳои навзод дар қисми таваллудхона ба анҷом расонида мешавад.

Табибони шуъбаи ҷарроҳии асаб дар Маҷмаа гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳии асаб, аз ҷумла краниопластикаи нуқсони устухони косахонаи сар бо пластинкаи титанӣ, бо таври эндоскопӣ гирифтани гематомаи музмини дохили мағзи сар, амалиёти мустаҳкамкунии транспедикулярии сутунмӯҳра, аз ҷумла эндоскопӣ-эндоназалӣ-трансфеноидалӣ гирифтани аденомаи гипофиз, гузоштани клипс дар аневризмҳои шараёнҳои мағзи сар, краниоэктомияи декомпрессивӣ бо нигоҳдории лоскути устухони сар дар зери апаневрози сар, бо мақсади краниопластика истифода аз усутухони худи бемор, амалиёти эндоскопии чурраи байнимеҳравӣ ва ҳамчунин табобати консервативии инсулти ишемикӣ, бо истифодаи тромболитикҳо роҳандозӣ намудаанд.

Дар шуъбаҳои урологии калонсолон ва кӯдакон як қатор амалиёти мураккаби барқарорсозию тармимӣ дар роҳҳои пешобгузар, ва ҳангоми мавҷудияти санги гурдаҳо литотрипсияи перкутанӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар шуъбаи ҷарроҳии қафаси сина ва рагҳои хунгарди калонсолон амалиёти ҷарроҳии трахеопластика (барқарор кардани гузароии роҳи нафас) ҳангоми пурра маҳкамшавӣ ё тангшавии зерисадопардагии трахея, амалиёти рафъи торакоскопии омоси миёнадевор, амалиёти Люис дар мавриди тангшавии баъдисӯхтагиҳои сурхрӯда ва дигар амалиётҳои ҷарроҳиии мураккабро дар қафаси сина амалӣ менамоянд. Шуъбаи мазкур дар ҷумҳурӣ ягона буда, фарогири муолиҷаи ин қабил беморон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Дар қисми ташхисгоҳи муассиса бахши гиёҳдармонӣ фаъолият менамояд, ки бо истифода аз 150 навъи гиёҳҳои шифобахши дар Тоҷикистон маъмулбуда ба беморон ва мурочиаткунандагон хизмат мерасонад.

Дар шуъбаи дарунигарӣ усулҳои нави ҷарроҳӣ дар мавзеи роҳҳои талхагузар ва ғадуди зери меъда ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки кормандони шуъбаи ҷарроҳии дил, ки аксарият курсҳои такмили тахассусиро дар Ҷопон, Олмон, Эрон ва Русия гузаштаанд, дар ҳамкорӣ бо ҷарроҳони Ҷумҳурии Мисри Араб ва Кореяи Ҷанубӣ аввалин шуда дар кишвар амалҳои ҷарроҳии душвори ба як шунт пайваст намудани ду ва се шараёни коронарӣ, амалиёти ҷарроҳии муштараки таъвизи дарғот бо шунтикунонии коронарӣ ва атрезияи шараёни шуширо бомуваффақият амалӣ намуданд.

Ҳамасола бо ибтикори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба кӯдакони мубталои душвортарин нуқсонҳои модарзодии дил аз оилаҳои камбизоат ба таври ройгон амалиётҳои мураккаби ҷарроҳӣ дар дил ҳангоми нуқсонҳои модарзодӣ гузаронида мешавад.

Бузургтарин маркази илмиву таълимӣ

Муассисаи давлатии Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» на танҳо муассисаи табобатӣ, балки бузургтарин маркази илмиву таълимӣ маҳсуб ёфта, дар ин ҷо 21 кафедраи соҳавии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон, Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ фаъолият мекунанд.

Дар пойгоҳи Маҷмаа зеристгоҳи ёрии таъҷилии тиббӣ бо иқтидори 38 нақлиёти соҳавӣ ба таври шабонарӯзӣ фаъолият менамояд, ки ба шаҳрвандони дар ноҳияҳои калонтарини шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино ва Фирдавсӣ истиқоматдошта кумаки таъҷилии тиббӣ мерасонад ва ҳангоми зарурат беморонро дар беморхонаҳои шаҳр бистарӣ менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки нишондоди фаъолияти ёрии таъҷилии Маҷмаа низ густариш меёбад ва соли 2020 аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ - 5 адад ва аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 адад нақлиёти муосири ёрии таъҷилӣ ҷудо гардида, барои сари вақт расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ба сокинони шаҳри Душанбе мусоидат менамояд. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таъмини сӯзишворӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмири автомашинаҳо сари вақт ва бемамоният сурат мегирад, ки ин аз ғамхориҳои бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нисбати соҳаи тандурустии шаҳрамон мебошад.

Тибқи нақша дар ояндаи наздик таъсис додани шуъбаи беморихои чашм дар заминаи катҳои мавҷудбудаи муассиса, ташкил кардани шуъбаи ҷоғу рӯй ва муттамарказ кардани он бо шуъбаи барқарорсозӣ, ташкил кардани шуъбаи гемодиализ ва детоксикатсия дар назар аст.

Дар Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» таъсис додани системаи ягонаи иттилоотии тиббӣ низ ба нақша гирифта шудааст. Мақсади асосии таъсиси системаи ягонаи иттилоотии тиббӣ автоматикунонии тамоми равандҳои расонидани кумаки тиббӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба беморон мебошад.

Хуршед РУСТАМЗОДА,
директори МД Маҷмааи тандурустии «Истиқол»

Табиб бояд накӯкор, соффдил, беғараз, боинсоф, ҳақгӯй ва хушмуомила бошад. ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

СОЛИМИИ ҶОМЕА – ПОЙДОРИИ МИЛЛАТ

Фаъолияти маъмурият ва кормандони Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1" ба ном Карим Ахмедов» дар асоси дастуру ҳидоятҳои созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.





САФАРЗОДА АБДУЛЛО МУМИН,
директори Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов»

Солимии ҷомеа - пойдории миллат

Фаъолияти маъмурият ва кормандони Муассисаи давлатии "Маркази тиббии шаҳрии №1" ба ном Карим Ахмедов» дар асоси дастуру ҳидоятҳои созандаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Хизматрасонӣ бо дастгоҳҳои муосир

Муассисаи мазкур дар тӯли мавҷудият баҳри сиҳатии ҷомеа ҳамеша талош намудааст. Инчунин, баҳри беҳбуд бахшидан ба сатҳи хизматрасонии тиббӣ, ташхис ва муолиҷаи беморон, амалӣ намудани барномаҳои ислоҳоти соҳаи тандурустии кишвар нақши муҳим дорад.

Ҳоло Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов бо муосиртарин дастгоҳҳои замонавӣ дар соҳаи тандурустӣ таъмин мебошад, ки аксарият дар 7 соли охир харидорӣ гардидаанд. Дастгоҳҳо аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон харидорӣ гардида, барои ташхиси дурусту табобати беморон ва фаъолияти табибон имкони мусоид фароҳам меоранд. Айни замон муассиса дорои шуъбаҳои сироятии кӯдакона, ҳепатитҳои сироятӣ, амрози ҳомиладорӣ, септикию сироятӣ, эндокринологияи кӯдакона, бемориҳои дарунӣ, бемориҳои дил, асаб, эндокринологияи калонсолон, бодигармшиносӣ, эндо - ҷарроҳӣ, таваллудхона, амрози занона, наҷоти калонсолон, наҷоти кӯдакона ва ғайра мебошад. Ба беморон дар дилхоҳ вақту соат аз ҷониби мутахассисони соҳибтачриба хизмати тиббӣ расонида мешавад.

Бояд гуфт, ки Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов аз 423 кати умумӣ ва 19 кати шуъбаҳои наҷот иборат аст. Аз чумла, барои калонсолон 236 кат (55,8%), 87 кати кӯдакона (20,6%) ва 100 кат барои таваллудхона (23,6%) пешбинӣ шудааст.

Ҳалли муроҷиат

Дар шаш моҳи соли 2024 ба муассиса 16872 нафар беморон муроҷиат намудаанд. 11823 нафарашон бистарӣ гардидаанд. 5049 нафар бошанд, аз бистарӣ шудан даст кашидаанд ё ба дигар муассисаҳо равон карда шудаанд. Аз онҳо:

- 9778 нафар дар шуъбаҳои умумӣ;
- 1930 нафар дар шуъбаҳои наҷот;
- 115 нафар дар катҳои рӯзона.

Аз 11823 нафар муолиҷагирифтагон вобаста ба самт чунин аст:

- шуъбаҳои соматикӣ - 4735 нафар;
- шуъбаҳои таваллудӣ - 5353 - нафар;
- шуъбаҳои кӯдакона - 1735 нафар.

Стратегияву барномаҳо дар амал

Дар Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов амалисозии стратегияҳои қабулгардидаи давлатӣ дар мадди аввал меистад. Аз чумла, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар шаҳри Душанбе ҳамчун санади муҳим ҷиҳати рушди соҳаи тандурустӣ ва сиҳатии ҷомеа мебошад. Дар муассиса барои тадбиқи ин санад шахси масъул таъин гардида, пайваста чорабиниҳои муҳим гузаронида мешаванд. Моҳи марти соли равон барои иҷрои банди 7-и нақшаи мушовараи Раёсати тандурустӣ барои соли 2024 ва бо мақсади санҷиши рафти воридсозии тадбиқи стратегияи мазкур дар муассиса аз ҷониби мутахассисони Раёсати тандурустӣ дар шаҳри Душанбе санҷиш гузаронида шуд. Ҳадаф боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти муассиса, такмили ихтисоси кормандони тиб ва омӯзиши тачрибаи пешқадам дар соҳаи тандурустӣ аст. Яъне, дар марказ ба омодасозии мутахассисони соҳаи тиб диққати махсус дода мешавад. Табибони ҷавон низ ҳамеша зери таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ қарор доранд ва ташаббусу пешниҳодҳояшон ҷиҳати беҳбуди фаъолият аз ҷониби роҳбарияти бемористон дастгирӣ меёбад. Дар самти модар ва кӯдак масъалаҳои вобаста ба баҳодиҳии инкишофи ҷисмонии кӯдакон, ғизо ва норасогии микронутриентҳо дар байни занон ба роҳ монда шудааст.

Маврид ба таъкид аст, ки дар Марказ гурӯҳи ҳамоҳангсоз оид ба оқибати марговар созмон дода шудааст. Фаъолияти он ҳам назаррас ва ҳамеша таҳти назорату машварати роҳбари муассиса қарор дорад.

Бо мақсади саривақт дарёфт намудан ва муолиҷаи беморони гирифтори бемории сил ҳар нафар беморе, ки гумонбар ба бемории сил аст, ҳатман аз муоинаи рентгени қафаси сина гузаронида мешавад. Ҳамчунин, балғам барои муайян намудани ташхис гирифта шуда, ба Маркази шаҳрии ҳимояи аҳолии аз бемории сил равон карда мешавад. Бо мақсади пешгирии паҳн гардидани бемории ҳепатити вирусии намуди "В" аз модар ба кӯдак бо роҳи вориднамоии барномаҳои скрининги ба ҳепатити вирусии намуди "В" ҳангоми назорати то таваллудӣ ва тадбиқи чораҳои пешгирикунанда ҳангоми таввалуд ба роҳ монда шудааст.

Амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" дар шаҳри Душанбе низ дар мадди аввал меистад. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани гардиши маводи доруворӣ, аз чумла муомилоти қонунии маводи дорувории нашъадор дар Марказ, Комиссия оид ба қабул, нигоҳдорӣ, тақсимот ва назорати дуруст, истифодабарии маводи дорувории тиббии мадҳушкунанда ва сахтаъсир таъсис дода шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки аз ҷониби табибони марказ соли равон 7 семинари омӯзишӣ, 8 лексия ва 21 суҳбат оид ба пешгирии нашъамандӣ гузаронида шуд. Суҳбатҳои равоншиносию таблиғотӣ бошад, доир ба зарбаи рӯҳафтодагӣ, рӯҳӣ, невроз ва дигар нороҳатии рӯҳӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазирӣ аҳолӣ гузаронида мешаванд.

Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз барномаҳое мебошад, ки дар муассиса мавриди амал қарор дорад. Дар 6 моҳи соли равон 18 лексия бо иштироки 2365 нафар корманд ва 131 вохӯрӣ-суҳбатҳо дар мавзуҳои ВНМО, БШРН, камхунӣ, фишорбаландӣ, диабети қанд, коронавирус, фарбеҳӣ бо иштироки 930 нафар аҳолӣ, 15 семинар бо иштироки 621 корманд гузаронида шуд.

Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасогии масъунияти одам (ВНМО) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврааи солҳои 2021-2025 низ дар амалашавӣ қарор дорад.

Дар озмоишгоҳи Марказ ва шуъбаи қабули таваллудхона аз тарафи Марказ барои гузаронидани таҳлили хун ба ВНМО тести очилӣ бо пуррагӣ таъмин карда шудааст. Бемороне, ки ба шуъбаи ҷарроҳӣ ворид мегарданд, пеш аз ҷарроҳӣ гузаронидан аз ҳамаашон таҳлили хун ба ВНМО ва гепатитҳои вирусии "В" ва "С" гирифта мешавад. Ҳамаи занони ҳомиладоре, ки ба таваллудхона ворид мешаванд, аз касоне, ки таҳлили хун ба ВНМО дар МСШ гирифта нашудааст, дар шуъбаи қабули таваллудхона таҳлили хун ба ВНМО бо тестҳои очилӣ ройгон гирифта мешавад.

Аз фарбеҳӣ то ғизои солим

Дар самти амалӣ гардонидани "Барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташаккули ғизои солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024" нақшаи чорабинӣ тартиб дода шудааст. Бемороне, ки ба Марказ ворид мешаванд, аз рӯйи формулаи тасдиқшуда вазни зиёд ва фарбеҳии онҳо муайян карда мешавад. Тибқи барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташаккули ғизои солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024, дар марказ шахси масъул фаъолият намуда, беморони бо омили зиёдвазнӣ ва фарбеҳиро ба қайд гирифта, назорат мебарад.

Ҳайати кормандон

Айни замон шумораи умумии кормандони муассиса 855 нафарро ташкил медиҳад. 35,9 %-и кормандони муассиса ҷавонон мебошанд.

Дар маҷмуъ, имрӯз Маркази тиббии шаҳрии №1 ба номи Карим Ахмедов бо ҳайати бисёрнафараи худ бо дониши баланд ва истифода аз дастгоҳҳои муосири тиб барои ҳифзи саломатии ҷомеа омода аст.



Дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ



Дастгоҳи истеҳсоли оксиген



Томографияи компютерӣ



Дастгоҳи рентгени рақамӣ



Дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ бо монитор

“ШИФОБАХШ” - МАРКАЗИ МАЪРИФАТУ ТАБОБАТ

Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш” бузургтарин муассисаи табобатӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад. Фаъолияти ин муассиса ба ташхис, муолиҷа ва расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба беморон равона шудааст.

Бузургтарин муассисаи тиббӣ

Маркази “Шифобахш” дорои 8 бинои сеошёна, як бинои дуошёна, 4 бинои якошёна, қисми хоҷагидорӣ ва 61 шуъбаҳои гуногун мебошад. Аз инҳо 35 шуъбаи табобатӣ ва 26 шуъбаи ёрирасонанд.

Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш”, ки қаблан бо номи “Қаряи Боло” маъруф буд, бузургтарин муассисаи тиббӣ мебошад. Зеро ҳамарӯза садҳо нафар ба ин муассисаи тиббӣ барои ташхису табобат муроҷиат мекунанд.

Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар партави сиёсати созандаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳи вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш” ба як қатор комёбиҳо ноил гардидааст. “Шифобахш” пойгоҳи клиникии як қатор кафедраҳои муассисаҳои таълимӣ буда, на танҳо дар бахши ташхису табобат ва пешгирии бемориҳо, балки дар якҷоягӣ бо кормандони кафедраҳо дар самти таҳияи пешниҳоди ратсионализаторӣ, ихтирооти муфид низ корҳои муайяне ба анҷом расонидааст. Чанд соли охир дар марказ бисёр дастовард ва корҳои ратсионализаторӣ, ихтирооти муфид ба расмият дароварда шудаанд. Аз ҷумла, дар шуъбаи бемориҳои чашм усули нави табобати ҷарроҳии (фотокоагулятсия) дар беморони мубталои глаукомаи ҳадди дарднок барои нигоҳдории чашм ҳамчун протези зинда ба роҳ монда шуд. Дар шуъбаи ҷоғу рӯйи калонсолон амалиёти “артропластика - иваз намудани буғумҳои корношоями чаккаву ҷоғи поён бо эндопротезҳои никелиди титанӣ”, бартараф намудани ковокии устухон бо усули сабзонидани бофтаҳо, аугментатсия дар ҳолати харобшавии шохаҳои алвеолаярии ҷағҳо ва ғайра ба роҳ монда шуд.

Ҷарроҳии нодир

Аз тарафи кишвари Швейтсария як микроскоп ва як адад С-дуга (ЭОП) ба марказ дастрас гардонида шудааст. Ба таври эндоскопӣ ҷарроҳӣ намудани гематомаҳои музмини майнаи сар дар марказ амалӣ гардида, якумин маротиба дар шароити шуъбаи ҷарроҳии асаби №1 бемориҳои ҷарроҳии неврологияи асаби сегона ва конфликти нейроваскуляри асаби рӯй ба роҳ монда шуд, ки дар соли 2021 ба 13 бемор чунин ҷарроҳиҳо гузаронида шуданд. Дар қисми гардани сутунмуҳра, кечҳои байнимуҳрагӣ ба 2 нафар бемор ҷарроҳӣ ва иваз кардани танаи муҳраи қисми гардани сутунмуҳра бо кейҷ ба 1 нафар бемор ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Дар маҷмуъ, ҳоло дар “Шифобахш”, ки махзани илму маърифати соҳаи тибу табобат мебошад, барои пешгирӣ ва табобати дилхоҳ беморӣ тамоми шароит муҳайёст.

Такимили ихтисос дар хориҷа

Дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш” ба баланд бардоштани савияи дониш, гузаштани такмили ихтисос, хусусан дар хориҷи кишвар гирифтани дараҷаноки аз рӯи ихтисос диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи мутахассисони марказ дар хориҷи кишвар шартномаи дутарафа бо Институти илмӣ - тадқиқотии ёрии таъҷилии ба номи Н. В. Склифосовскийи Раёсати тандурустии шаҳри Москва баста шудааст. Мутахассисони марказ марҳила ба марҳила барои такмил додани донишу малакаи худ ба институти мазкур сафарбар мешаванд. Наздики 30 мутахассис баъди аз такмили ихтисос гузаштан аз институти мазкур баргашта, вобаста ба масъалаҳои мубрами соҳа донишу малакаи азхудкардаи худро дар амал татбиқ карда истодаанд. Аз ҷумла, Р. Наимов, мудири шуъбаи рентгени муассиса дар мавзӯи “Ташхиси компютери томографӣ дар ҳолатҳои таъҷилӣ”, хусусан дар ҳолати садамаи сутунмуҳра ва системаи такягоҳу ҳаракат, садамаи косахонаи сар, узвҳои паренхиматозӣ, аорта ва рагҳои магистралӣ дар институти болозикр донишу малакаи худро такмил дод.

Махзани илмӣ-таълимӣ

Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш”-ро дар баробари маркази ташхису табобат, инчунин, махзани илмӣ-таълимӣ меноманд. Чунки бештари донишҷӯёни муассисаҳои олии тиббии кишвар таҷрибаи амалии худро ин ҷо мегиранд. Махсусан, “Шифобахш” муассисаи базавии таълимӣ барои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои тиббии кишвар мебошад.

Хотиришон менамоем, ки дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш” сол то сол сафи олимону пизишкон афзуда истодааст. Айни замон дар муассиса 2 нафар доктори илмҳои тиб ва 30 нафар номзади илми тиб фаъолият намуда истодаанд. Ҳамчунин, беш аз 60 нафар кормандони муассиса омодаи ҳимояи номзадии хеш мебошанд. Бояд гуфт, ки аз 653 нафар табибони дорои маълумоти касбии олӣ 248 нафар ё 38%-ро ҷавонон ташкил менамоянд.

Ҳайати кормандон

Дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш 2519 корманд фаъолият менамоянд. Аз онҳо 1519 нафарро занҳо ташкил медиҳанд. Ҳангоми қабул ба кор, пеш аз ҳама



ХИЗМАТУЛЛО ШАМСЗОДА,
директори Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - “Шифобахш”, вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе

дониш, таҷриба, муносибати хуб бо бемор ва дигар хислатҳои неки инсонӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба беморон, мо комиссияи доимӣ ташкил намудаем. Вазифаи он назорати доимӣ, риояи қоидаҳои санитарию гигенӣ, истифодабарии протоколҳои клиникии соҳавӣ дар ташхису табобати беморон, истифодаи дурусти доруворӣ, пешгирии полилрагмазия мебошад. Натиҷаи санҷишҳо дар маҷлисҳои назоратии назди директори марказ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Пойгоҳи клиникии донишгоҳҳо

Дар маркази “Шифобахш” пойгоҳи клиникии чанде аз кафедраҳои макотиби олии тиббӣ мавҷуд аст. Нақши ин кафедраҳо дар ташхису табобат, пешгирии бемориҳо ва ихтироот муассир мебошад.

Аз ҷумла, дастовардҳо дар соҳаи ҷарроҳии калонсолон: ҷарроҳиҳои асаб, аневризми шараёнҳои майнаи асар, молфарматсияи артериовенози рагҳои майнаи сар аз ин қабиланд. Дар ҷарроҳии кӯдакона бо усули эндовидеоҷарроҳӣ гирифтани испурч дар кӯдакон, бартараф намудани сӯрохии сурхрӯда бо роҳи Нилсен ва монанди ин муваффақиятҳои кафедраҳои муассиса мебошанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба маркази “Шифобахш” дастгоҳи муосири ташхис ворид гардидааст.

Озмоишгоҳ барои санҷиши омилҳои гемофилия

Бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи тандурустӣ, дар ин самт пешрафту комёбиҳои зиёде ба мушоҳида мерасад. Бунёду навсозии беморхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ дар тамоми гӯшаву канори кишвар, ҳамчунин бо навтарин технологияи муосири тиббӣ тачҳизонидани онҳо шаҳодати ин гуфтаҳост. Ҳамин гуна як падидаи мусбат, чанде қабл дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - «Шифобахш» ба вуқуъ пайваст. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марказ озмоишгоҳ барои санҷиши омилҳои гемофилияи Ташкилоти ҷамъияти гемофилҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Бояд гуфт, ки беморони гемофилия таҳти назорат ва ғамхории давлат қарор дошта, зиёда аз 6 сол аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ташкилоти ҷамъиятии гемофилҳои Тоҷикистон фаъолият дорад. Мақсад аз таъсис додани ташкилот - ин ҳимояи ҳуқуқи беморони гемофилия, таъмини имконияти баробар ба дигар шаҳрвандон, ҳалли мушкилоти муолиҷа ва пешгирии ин беморӣ мебошад. Ҳукумати мамлакат нисбат ба гирифторони бемории гемофилия таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва аз рӯи имконоти мавҷуда беморон бо «криопретсипитат» ва «плазма» ба таври ройгон таъмин мегарданд.

Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани озмоишгоҳ барои санҷиши омилҳои гемофилия дар Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - «Шифобахш» бозгӯи он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талош бар он доранд, то ҷомеа солим бошад ва ҳама намуд бемориҳо сари вақт ва ба таври зарурӣ ба ташхису табобат фаро гирифта шаванд.



Соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба шумор меравад. **ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

СОЛИМИИ КЎДАКОН ҲАДАФИ МОСТ!

Дар оғози соли равон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе озмуни “Беморхонаи беҳтарини сол” ҷамъбаст гардид, ки дар он Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона “Беморхонаи сол-2023” баргузида шуд. Ин дастоварди беназир натиҷаи талошу заҳматҳои ҳамаи кормандони ин муассиса аст.











Аз таърихи беморхона

Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона ҳамчун муассисаи тандурустӣ аз соли 1963 инҷониб фаъолият дорад. Қаблан, то ташкил ёфтани ин муассиса, дар бинои қаблии он аз соли 1939 то соли 1941 боғчаи кӯдакона ва мактаби миёна фаъолият мекарданд. Давоми солҳои 1941-1945 бошад, дар ин бино Госпитали эвакуатсионии ақибгоҳи ҷангӣ барои табобати ҳарбиён фаъолият дошт. Даҳҳо нафар сарбозони дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мачрухгардида, ки аз миллатҳои гуногун буданд, дар ин госпитал табобат гирифтаанд.

Пас аз анҷоми ҷанг бино ба таъиноти қаблӣ баргардонида шуд ва то соли 1963 дар як қисми он боғчаи бачагона ва дар қисми дигараш мактаби миёна фаъолият мекард.

Соли 1963 зарурати дар пойтахти Тоҷикистон боз намудани беморхонаи сироятӣ барои кӯдакон пеш омад. Ҳамин тавр, Беморхонаи клиникии сироятӣ ба фаъолият оғоз намуд.

Туҳфаи Пешвои миллат

Санаи 1-уми сентябри соли 2019 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои Муассисаи давлатии “Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона”-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Мо - аҳли беморхона ва умуман кормандони соҳаи тиб аз ин туҳфаи беназири Пешвои миллат сарфароз ҳастем ва кӯшиш менамоем, ки рисолати касбиамонро, ки солимии насли фардо мебошад, аз самими қалб анҷом диҳем.

Шароити мусоид барои беморон ва кормандон

Фаъолияти МД “Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона” барои бехтар намудан ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ, ташхис ва муолиҷаи беморони сироятӣ равона карда шудааст.

Муассиса дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, дар кӯчаи 40-солагии Ғалаба воқеъ буда, аз 6 ошёна ва таҳхона иборат аст. Он бо тачҳизоти муосири тиббӣ ва 200 кат барои муолиҷаи кӯдакон муҷаҳҳаз карда шудааст.

Дар ошёнаи якуми беморхона шуъбаи наҷот, шуъбаи бемориҳои қатрагӣ, дар ошёнаи дуюм шуъбаи бемориҳои сироятии муолиҷавӣ, дар ошёнаи сеюм ва чорум шуъбаи бемориҳои сироятӣ, дар ошёнаи панҷум шуъбаи бемориҳои паразитӣ, инчунин утоқҳои кории маъмурияти беморхона, маҷлисгоҳ барои 70 ҷойи нишаст ва дар ошёнаи шашум бошад, кафедраҳо, аудиторияҳо ва ҳуҷраҳои техникӣ, дар таҳхона озмоишгоҳҳои клиникию биокимиёвӣ ва бактериологӣ, ошпазхона, хушкашӯйӣ ва шуъбаи қабул, ҳуҷраи ултрасадо, ҳуҷраи рентгенӣ ҷойгир мебошанд.

Ҳамасола дар беморхонаи мо зиёда аз 4000 кӯдакон табобат мегиранд.

Ҳамчунин беморхона дорои таваққуфгоҳ, бунгоҳи баркӣ бо 2 трансформатор, иншооти безараргардонӣ, анбори нигоҳдории сабзавот ва ошхона мебошад.

Ба ғайр аз ин дар заминаи беморхона кафедраи бемориҳои сироятии кӯдаконаи ДДТТ ба номи А. И. Сино ва кафедраи бемориҳои сироятии Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе ба омӯзиш ва тайёркунии мутахассисони соҳаи тиб машғуланд. Дар беморхона мутахассисони соҳибтачриба натанҳо ба табобати кӯдакони шаҳри Душанбе машғуланд, инчунин аз рӯи нақшаи авиатсияи тиббӣ-санитарӣ ба тамоми шахрвандони ҷумҳурӣ ёрии табобатию машваратӣ мерасонанд.

Мутахассисони варзида

Бояд қайд кард, ки беморхона дар миқёси ҷумҳурӣ ягона беморхонаи махсусгардонидашудаи сироятии кӯдакона мебошад. Дар он аз рӯйи 308 воҳидҳои корӣ 273 нафар мутахассисони варзидаи тиббии дараҷаи олӣ ва миёна ба кор ҷалб шудаанд. Аз ҷумла:

- *табибон - 35 нафар;*
- *кормандони миёнаи тиббӣ - 123 нафар;*
- *кормандони хурди тиббӣ - 80 нафар;*
- *кормандони маъмурият ва қисми хоҷагӣ - 35 нафар.*

Шумораи кормандони дараҷанок ҳамагӣ 97,4 % нафар буда, аз инҳо 95,9 % нафарашон табиб ва 98,2% ҳамшираи шафқат мебошанд.

- *дараҷаи олӣ - 11 табиб, 21 ҳамшираи шафқат;*
- *дараҷаи якум - 6 табиб, 19 ҳамшираи шафқат;*
- *дараҷаи дуюм - 6 табиб, 16 ҳамшираи шафқат.*

Зикр кардан бамаврид аст, ки кормандони мо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, аз он ҷумла Корманди шоистаи ҶТ, Ордени “Шараф” дараҷаи 2 , Медали “Шафқат” ва як қатор ифтихорномаҳо сарфароз гардидаанд.

Қобили қайд аст, ки табибони мо дар ҳамкорӣ бо кормандони кафедраи бемориҳои сироятии кӯдаконаи ДДТТ ба номи А. И. Сино ва кафедраи бемориҳои сироятии Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе ба пажӯҳишҳои илмӣ машғул буда, натиҷаи таҳқиқоташон дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ нашр шудаанд.

Ҳамчунин, табибони варзидаи мо бо ВАО ҳамкории зич дошта, пайваста дар бораи бемориҳои сироятии кӯдакона ва роҳҳои пешгириву табобати онҳо баромад мекунанд.

Ҳадафи мо - солимии кӯдакон

Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ҳамчунин Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе Муассисаи давлатии “Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона” бо тачҳизоти наву замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҳоло беморхонаи мо бо рентгени рақамӣ, рентгени рақамӣ-партативӣ, ултрасадои партативӣ, 2 адад дастгоҳи автоклав, тачҳизоти истеҳсоли оксигени табиӣ, оксигенераторҳо, мониторҳои наздикатӣ ва ғайра муҷаҳҳаз аст. Ин имкон медиҳад, ки мо ба беморон хизматрасонии босифати тиббӣ расонем.

Кӯдакон ояндаи миллатанд. Бинобар ин, табобати дурусти кӯдакон дар илми тиб яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Духтури кӯдакон масъулияти бештар дорад, зеро вай бо сарнавишти кӯдак сарукор мегирад, ки зиндагии вай ҳанӯз дар пеш аст, ояндаи давлату миллат аз ӯ вобаста мебошад. Ҳамин аст, ки мо - кормандони Муассисаи давлатии “Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона” барои солимии кӯдакон пайваста талош мекунем.

Мунира КАРИМОВА,
директори Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдакона», вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ ба номи Маликов Мирзобадал Халифаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Т. Пӯлодӣ 37, ҳ. 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0656119 ба номи Маҳкамова Умеда Маҷидовна, ки соли хониши 2012-2013 аз ҷониби МТМУ №61-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №А218491 ба номи Ишматова Тахмина Юлдашевна, ки соли 2001 аз ҷониби МТМУ №89-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шамсидинов Хайрулло Абдуллоевич, РЯМ: 1230184945, РМА: 015587137, ки соли 2018 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи КТ №811399, Ғафуров Абдумаҷид Ҷабборович, ки аз 27.11.1988 аз ҷониби Коллеҷи муҳандисӣ - омӯзгорӣ (собиқ Техникуми индустриалии педагогии ш. Душанбе) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №880, ба номи Сайдахмедов Қиёмиддин Алимаҳмадович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 1, М-6, бинои 3, ҳ. 13, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳристи №8Ш-1305, аз 6-уми майи соли 2010 ба номи Сайдахмедов Қиёмиддин Алимаҳмадович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 1, М-6, бинои 3, ҳ. 13, ки дар нотариуси калони Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Диплом ва замимаи ДОА №0011861, рақами қайд №35, ба номи Шарипова Парвина Фирузовна, ки санаи 01.05.2021 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0722915 ба номи Шоев Фирдавс Собирович, ки соли 2017 аз МТМУ №86-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати №060712 ба номи Ғафурова Гулчин Нуруллоевна, ки соли хониши 1992-1993 аз ҷониби МТМУ №8-и ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1382665 ба номи Холмуродов Муҳаммадҷон Дустмуродович, ки санаи 28.07.2022 аз МТМУ №66-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Шакман», рақами давлатӣ 901ZD01, соли бароришаш 2007, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Шакман», рақами давлатӣ 902ZD01, соли бароришаш 2009, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Шакман», рақами давлатӣ 903ZD01, соли бароришаш 2008, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Шакман», рақами давлатӣ 904ZD01, соли бароришаш 2006, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Хово», рақами давлатӣ 296ZX01, соли бароришаш 2012, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии автомашинаи боркаши «Хово», рақами давлатӣ 297ZX01, соли бароришаш 2010, ба номи ҶДММ "Абдулло Ободкор", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ, №0030029, ба номи Шарипов Алиҷон Умедович, ки аз 18.04.2018 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи гурезагӣ, №0008974, ба номи шаҳрванди Афғонистон Садаф Зоҳидӣ, ки моҳи феврали соли 2024 аз ҷониби ВКД дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1167467 ба номи Мустафаев Аҳмадҷон Мубинҷонович, ки санаи 22.06.2023 аз МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Муртозаев Исмайил, РЯМ: 0730158676, РМА: 075715715, ки санаи 17.01.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, иқтибос, ИНН ва НДС ба номи ҶДММ "Сайри Олам", РЯМ: 0410004522, РМА: 040029853, ки санаи 29.01.2010 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Аваниязова Нафиса Шарофовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, хонаи 7, ҳ. 50, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0451802 ба номи Аъзамзода Амирҳамза Алӣ, ки санаи 31.07.2017 аз Литсейи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳасан Қурбонзода, РМА: 015377744, РЯМ: 0130031184, фаъолияташро қатъ менамояд.

► КВД "Савдои Ҳарбӣ"-и Қӯшунҳои сарҳадии ҚДАМ ҶТ, суроға: ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Шоҳтемур 31, РМА: 020051634, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

НИЁЗ ДОРЕМ

► Зану шавҳари аз 45-сола болои бефарзандро барои кумак дар корҳои хона мечӯям. Истиқомат дар хонаи алоҳида. Донистани забони русӣ ҳатмист.

- Уҳдадориҳои зан: рӯбучини хона, либосшӯй, пухтани хӯрокҳои хонагӣ (хӯрокҳои миллӣ пазируфта мешавад), дар мавсимаш маҳкам кардани меваву сабзавот.

- Уҳдадориҳои мард: нигоҳубини гирду атрофи хона, таъмири хурд дар хона ва ҳавлӣ, нигоҳубини боғ ва полез. Беҳтараш бо ҳуҷҷати ронандагии дараҷаи В. Бо билет таъмин мекунем ё хароҷоти шуморо пардохт мекунем. Маош сари вақт дода мешавад, аз 80 то 90 ҳазор рубл дар як моҳ барои ду нафар. Телефон барои тамос: +79185529554, Ирина (Ватсап, Телеграмм).

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Climate Change Officer, "Only for citizens or residents of Tajikistan", (Job ID: 19977 /National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 August 2024 NY time.**

- **Communications Assistant, "Only for citizens or residents of Tajikistan", (Job ID: 19996/National Personnel Services Agreement/NPSA-5); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 25 August 2024 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

Monitoring and Evaluation Officer, "Only for citizens or residents of Tajikistan", (Job ID: 20002 /National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 August 2024 NY time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.



Тарабхона

Марде ба зани дӯстдоштааш мегӯяд:

- Садбарг, ҳамроҳи ман ба осорхона меравед?

Садбарг дар ҷавоб:

- Акрамҷон, шумо магар калимаи “тарабхона”-ро талаффуз карда наметавонед?

Давои хастагӣ

Аз марди коргаре, ки чанд сол боз ба рухсатии меҳнатӣ набаромадааст, мепурсанд:

- Чаро афтат хаста менамояд? Туро фавран ба духтур нишон додан лозим аст!

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

- Не, маро ба духтур не, ба Варзобу дараи Ромит нишон додан лозим аст.

Муколамаи ошиқон

Аз муколамаи ду дилдода:

Духтар менависад:

- Ҷон, ин бегоҳ ба пушти ҳавлиямон биё, дар хона касе нест. Модару хоҳарам ба меҳмонӣ рафтаанду падарам пояшро шикастааст.

Ҷавон дар ҷавоб менависад:

- Ман рафта наметавонам, зеро бо табобати ҳамон ҷоям машғул ҳастам, ки падарат пояшро дар он зада шикаст.

Мурда

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, агар ман мурам, ту зани дигар мегирӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Не, занаки беақл, бо мурдаи ту зиндагӣ мекунам!

Нобоварӣ

Падар аз писараш мепурсад:

- Ман ба ту даҳ дона себ медиҳаму сетояшро гашта мегирам. Дар дасти ту чӣ мемонад?

Писар дар ҷавоб:

- Нобоварӣ...

Дарк

Пиразане аз дугонааш мепурсад:

- Ҳамин ту фаҳмида метавонӣ, ки дар дунё чӣ гапу корҳо шуда истодааст?

Дугонааш мегӯяд:

- Ба ту чӣ хел фаҳмонам...

Пиразан гапи дугонаашро бурида, мегӯяд:

- Ман худам ҳам мефаҳмам, вале дарк карда наметавонам.

Таҳияи
Н.РАҶАБОВА

Аблаҳе ҳайрон буд, ки гавазн бо ин қадар шоҳҳои бузургу панҷазада аз модар чӣ сон таваллуд шуда бошад.

***

Ҷанги дохилӣ сахт аст, вале дар муқоиса бо ҷанги арӯсу хушдоман ҳеч.

***

Ӯ ҳангоми мутолиаи китоби «Асрори дарозумрӣ» ногаҳон вафот кард.

***

Муҳаррире «Мо асарҳои фаҳшро чоп намекунем» гуфта, достони «Рӯҳи урён»-и Гулрухсорро аз чоп боздошт.

***

Тарсуе шабона хоб дид, ки мушҳо ба ӯ дарафтодаанд. Шаби дигар ба ҳар ҷо-ҳар ҷои баданаш марги муш баста хобид.

***

Аз аризаи гурӯҳе мардон ба хукумат:

«Зимистони қаҳратуни ноҳияи баландкӯҳи мо ва камчинии барқу ангиштро ба инобат гирифта, хоҳишмандем, ба ҳар яки мо барои дутоӣ зан гирифтан иҷозат бидиҳед».

***

Аз дафтари забоншинос:

«Мухтасаргӯӣ ҳусни забон аст». Аз ин рӯ, масалан, ба ҷои ифодаи «сардор аз вазифа маҳрум шуд» «сардор маҳрум шуд» гуфтан беҳтар аст.

***

Дар бораи муносибати неки арӯсу хушдоман низ асар навиштан мумкин, вале он фантастикӣ хоҳад буд.

***

Волотарин армони Чингизхон ин буд, ки соҳиби думи дарозу серпашме бошад, то ҳини тохтутозҳояш думаш низ чангу хору хаси заминро ба ҳаво афканда, ба ину он бархӯрда, шаҳомати ҳамлаҳояшро дучанд созад.

***

Мунаққидро чӣ фарқ, ки қалам ба даст дорад ё калтак: аздусар, мекӯбад.

***

Зӯр зада таваллуд кардани занро шунида, шоиртароше низ зӯр зад, ки шеър таваллуд кунад, лекин зарур омад, ки ӯро таъҷилан ҷарроҳӣ кунанд.

***

Кал кӯрро дӯст дорад, зеро кӯр ҳеҷ гоҳ айби ӯро дида натавонад.

***

Кале шикамбаро дида, зери лаб «ин бечора аз хешовандони сари ман будааст» гуфт.

***С

Кал аз бо сараш фикр кардан шарм медорад.

***

Кал мунаққид шуд. Адибон дар бораи мӯй ва сар наменавиштагӣ шуданд.

***

Ба қадри токӣ як кас мерасад: кал!

***

Ба «мушу гурбабозӣ»-и зану шавҳари ҷавон ҳатто мушу гурбаи ҳақиқӣ ҳасад мебаранд.

**С*

Дар бораи Темури Ланг он қадар асар офарид, ки бар асари онҳо худаш ҳам кам-кам мелангидагӣ шуд.

***

Сӯи пирдухтаре санг партофтам, ӯ ба сӯи ман гулдаста партофт.



Абдурауф МУРОДӢ

Сканворд

